# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ОКТЯБР-ДЕКАБРИ 2017

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Ҷамолиддин Нуралиев,** иқтисодчӣ
**Фарҳод Билолов,** иқтисодчӣ
**Dr. Axel Sauer,** коршинос
**Манучеҳр Асоев,** иқтисодчӣ
**Гулнора Саломова,** коршинос

ТАШРИФИ ШАЙХ АБДУЛЛО ИБНИ САУД ОЛИ СОНӢ БА БМТ 19

БАРОРИШИ НАХУСТИН ВА БОБАРОРИ ВОМБАРГҲОИ ДАВЛАТИИ КИШВАР (ЕВРОБОНДҲО) 23

AFI ВА РУШДИ ДАСТРАСИИ МОЛИЯВӢ 38

СИЁСАТИ МОНЕТАРӢ: ФИШАНГҲОИ МУОСИР САМАРА МЕОРАНД 29




## Қасри Арбоб – оғози сулҳу ваҳдат





Парчами давлатии Тоҷикистон
чун рамзи озодӣ, ояндаи ободу
осуда ва мояи ифтихори халқи
соҳибдавлати тоҷик то ҷовидон
парафшон хоҳад буд.

*Э.Раҳмон*

# ДАР ИН ШУМОРА


**3 | ЭМОМАЛӢ РАҲМОН: "МАН БА ИРОДАИ ҚАВӢ, НЕРӮИ СОЗАНДА ВА ХИРАДИ АЗАЛИИ МАРДУМИ САРБАЛАНДИ ТОҶИК ЭЪТИМОД ДОРАМ"**

**19 | ТАШРИФИ ШАЙХ АБДУЛЛО ИБНИ САУД ОЛИ СОНӢ БА БМТ**

Бо итминони комил метавонам бигӯям, ки Бонки Марказии Қатар омода аст, минбаъд низ барои беҳдошти вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмаки худро дар доираи Ёддошти тафоҳум идома диҳад ва дар қатори яке аз шарикони боэътимоди Бонки миллии Тоҷикистон қарор гирад.

**23 | БАРОРИШИ НАХУСТИН ВА БОБАРОРИ ВОМБАРГҲОИ ДАВЛАТИИ КИШВАР (ЕВРОБОНДҲО)**

Аз нигоҳи ҷуғрофӣ вомбаргҳои давлатии Тоҷикистонро сармоягузорони ИМА (38%), Британияи Кабир (24%), давлатҳои Иттиҳоди Аврупо (35%) ва Осиё (3%) харидорӣ намуданд.

**29 | СИЁСАТИ МОНЕТАРӢ: ФИШАНГҲОИ МУОСИР САМАРА МЕОРАНД**

Хурсандиовар аст, ки дар ин давра ҳаҷми захираҳои софи байналмилалӣ ва захираҳои умумии хориҷӣ нисбат ба аввали сол мувофиқан 2,4 ва 2,2 маротиба афзуда, нишондиҳандаи устувории сатҳи захираҳои умумии хориҷӣ аз 2,6 то ба 5,6 моҳи воридотӣ (тибқи маълумоти оид ба ҳаҷми воридоти Агентии омор) расонида . . .









**50 | НАҚШИ ЗАН ДАР ҶОМЕАИ НАВИНИ ТОҶИКИСТОН**

Бонувон на танҳо дар ободонии мамлакат ва таъмини дастовардҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии он, балки бо кору амали шоиста ва ахлоқи ҳамидаи худ дар . . .

**27 | ҲАЙАТИ РАСМИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ИМА**

Дар ҷараёни сафари зикршуда раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳамзамон як қатор мулоқоту вохӯриҳоро бо намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва сармоягузорони хориҷӣ доир намуд.

**54 | АҲДИ ИСТИСНОЪ**

Шартномаи “истисноъ” метавонад байни бонк ва фармоишгар баста шавад, агар бонк қабл аз бастани шартнома предмети шартнома ва ё ашёеро, ки аз . . .

**47 | NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN – ABOUT MY PLEASURE TO BE HERE**

The highly important “Roghun” hydropower plant project, will in the future positively effect Tajik GDP growth and employment . . .

# В ЭТОМ НОМЕРЕ




23 | БАРОРИШИ НАХУСТИН ВА БОБА-РОРИ ВОМБАРГҲОИ ДАВЛАТИИ КИШВАР (ЕВРОБОНДҲО)

41



47



38 | AFI ВА РУШДИ ДАСТРАСИИ МОЛИЯВӢ

Бо тавсияи Иттиҳоди дастрасии молиявӣ айни замон дар бонкҳои марказии бештар аз 50 кишвари ҷаҳон идораҳое таъсис ёфтаанд, ки барои коркард ва ҷорӣ намудани методологияи . . .

41 | CUTTING THE DISTANCE AND LOWERING EXPENDITURES TO THE ACCESS OF FORMAL FINANCIAL SERVICES IN RURAL AREAS OF TAJIKISTAN

This Policy Memo considers the lack of access to formal financial services for low-income populations in rural areas of Tajikistan, who face high travel expenditures to get remittances from formal financial institutions.

56 | ТОҶИКИСТОН ДАР РЕЙТИНГҲОИ S&P ВА MOODY'S

Ширкати рейтингии байналмилалии Moody's Investors Service низ имсол аввалин маротиба рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро . . .



**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

МАҶАЛЛАИ ТАҲЛИЛИИ БОНКӢ
4 (79) ОКТЯБР-ДЕКАБР 2017



**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**



РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нурмаҳмадзода
АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ф.Ҳамрализода, Ҷ.Нуралиев, С.Икромӣ, Л. Салимова, А.Миралиев, Н.Абибуллоев, А.Қурбонов

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов
Мутахассиси пешбар: М. Бурҳонов



Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №02031/мҷ, аз 15 июли 2015 с.



Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.



Теъдоди нашр: 315 нусха. Дар матбааи ҶДММ "POLYGRAPHGROUP" чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.



# МАН БА ИРОДАИ ҚАВӢ, НЕРӮИ СОЗАНДА ВА ХИРАДИ АЗАЛИИ МАРДУМИ САРБАЛАНДИ ТОҶИК ЭЪТИМОД ДОРАМ

Суханронӣ ба муносибати 25-умин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ
*19.11.2017, шаҳри Хуҷанд*

## ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ! ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ!

Имрӯз аз баргузории Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ, ки дар таърихи навини Тоҷикистон гардиши куллӣ ба хотири наҷоти миллат ва давлат буда, роҳи минбаъдаи пешрафти давлат ва халқи Тоҷикистонро муайян кард, расо бисту панҷ сол сипарӣ мегардад.

Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар як фарди бонангу номус, ки истиқлолият ва озодӣ барояш муқаддасу гиромист, ин санаи фархундаро ҷашни бузургу муборак медонад.

Бинобар ин, биступанҷумин солгарди ин иҷлосияи таърихиро ба тамоми мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистони азизамон, ки дар роҳи ҳифзи давлатдории миллӣ, барқарорсозии сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бузург гузоштаанд, самимона табрик мегӯям.

Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ бо дарназардошти ҳадафҳои олии давлати соҳибистиқлоламон дар давраи басо душвори сиёсиву низомӣ бо мақсади таъмини ҳарчи зудтари сулҳу оромӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, аз хатари нобудӣ эмин нигоҳ доштани давлат ва аз пароакандагӣ раҳоӣ бахшидани миллат, ҳифзи якпорчагии давлати мустақили тоҷикон, муҳайё намудани шароит барои барқарор намудани иқтисодиёти бар асари ҷанги шаҳрвандӣ харобгашта ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон даъват шуда буд.

Роҷеъ ба мақом ва аҳаммияти таърихии Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ ман борҳо изҳори назар намуда, аз ҷумла таъкид карда будам, ки маҳз ҳамин иҷлосия боис гардид, ки як силсила масъалаҳои ҳаётие, ки бидуни ҳалли онҳо ҳифз ва ташаккули давлатдории миллии тоҷикон имкон надошт, ҳалли ниҳоии худро пайдо намоянд.

Иҷлосия дар давраи мураккабтарини авзои сиёсиву иҷтимоии мамлакат: беҳокимиятӣ, сохторҳои фалаҷшудаи идоракунии давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, поймол шудани Конститутсия, набудани кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла кафолати зиндагӣ ба ҳаёт, маҷбуран тарк кардани манзилу макони зист ва гуреза шудани миллионҳо нафар ҳамватанони мо баргузор гардид. Баъзе доираҳои манфиатдори дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла роҳбарони собиқ Ҳизби террористиву экстремистии наҳзат ва хоҷагону маблағгузорони онҳо, ки ташаббускори ин ҷанги бародаркуш буданд, барои ноил шудан ба ҳадафҳои нопоки худ, яъне ба сари мардуми мо таҳмил намудани мазҳаби бегона ва бунёди давлати исломӣ ба оташ равған мерехтанд.

Андешаву мафкураи халқ амалан ду тақсим шуда буд ва ҷавонони бетаҷрибаву гирифтори эҳсосот бо дастури хоҷагони дохиливу хориҷии хеш ба майдонҳо баромада, вазъиятро боз ҳам мураккаб месохтанд. Яъне дар кишвар ба ҷои қонун беқонунӣ, ба ҷои низому тартибот

беназмиву бесарусомонӣ ҳукмрон буд. Дар як муддати начандон тӯлонӣ аз муовинони Сарвазир, аъзои Ҳукумат, вакилони халқ ва зиёиёни маъруф сар карда, даҳҳо ҳазор нафар мардуми бегуноҳ ба қатл расиданд. Тамоми шохаҳои ҳокимият - аз мақомоти марказӣ то зинаҳои маҳаллӣ аз фаъолият бозмонда, бисёре аз роҳбарони онвақта дар чунин шароити ҳассос иродаи сиёсӣ, дурандешӣ, сабру таҳаммул ва азму ҷасорати раҳнамоӣ кардани мардумро аз даст дода буданд.

Як қисми зиёиён ва нерӯҳои солимфикри ҷомеа мавқеи шаҳрвандии худро муайян карда натавонистанд ва аз уҳдаи иҷрои қарзи шаҳрвандии худ дар назди ҷомеа, бахусус, дар назди ҷавонони бетаҷриба набаромаданд. Дар натиҷа эътиқоду эътимоди мардум ба роҳбарияти сиёсӣ ва Ҳукумат шадидан коҳиш ёфт, зеро мамлакат дар чунин вазъи мураккаби сиёсиву ҷамъиятӣ амалан бе роҳбару роҳнамо монда буд. Дар як сол ду Президент ва панҷ Ҳукумат маҷбурӣ ба истеъфо рафтанд, ки ин нишонаи олии беқонуниву беназмӣ буд.

Ҳамаи шумо огоҳ ҳастед, ки ин ҷанги таҳмилӣ чӣ оқибат дошт: зиёда аз 150 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ҷони худро аз даст доданд, беш аз як миллион нафар гуреза шуданд, 55 ҳазор кӯдак ятим ва 25 ҳазор нафар занону модарон бефарзанду бесаробон монда, дар маҷмӯъ, ба иқтисодиёти мамлакат беш аз 10 миллиард доллар зарар расид. Бар замми ин, ҳазорон хонаҳои истиқоматӣ вайрон гардиданд, мактабу шифохонаҳо сӯхтанд ва роҳу пулҳои зиёд харобу валангор шуданд. Зиёни моддиро ҳисобу китоб кардан мумкин аст, вале хисороти маънавие, ки мардум, махсусан, ҷавонону наврасону кӯдакон аз сар гузарониданд, аз андозаи ақли одамӣ берун мебошад.

> Оғози кори иҷлосия ибтидои умеду дилпурии мардуми Тоҷикистон аз фаъолияти ҷасуронаву ватанпарастонаи вакилони интихобкардаи худ буд, ки масъулияти вазнини баргузории онро ба ухда гирифта буданд.

Бо дарназардошти чунин вазъи фоҷиабор ва ба хотири наҷоти давлату миллат як гурӯҳ вакилони мардумӣ ва намояндагони қувваҳои огоҳи ҷомеа, ки хатари аз байн рафтани давлат ва пароканда гардидани миллатамонро дарк карда буданд, масъалаи ҳарчи зудтар даъват намудани иҷлосияи навбатии Шӯрои Олиро ба миён гузоштанд. Воқеан, дар он вазъияти мураккабу хавфнок ягона роҳи баровардани кишвар аз гирдоби ҷанги дохилӣ ва пешгирии хунрезӣ таъҷилан даъват намудани Иҷлосияи Шӯрои Олӣ буд. Зеро дар он айём Шӯрои Олӣ ягона мақоми сиёсии босалоҳият ва дорои ваколати конститутсионӣ ба ҳисоб мерафт.

Бинобар он, ки дар шаҳри Душанбе - пойтахти кишвар таъмини амнияти доир намудани Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ ғайриимкон буд, ин чорабинии муҳим дар шаҳри бостонии Хуҷанд, ки минтақаи нисбатан ороми кишвар ба ҳисоб мерафт, даъват гардид ва дар ҳамин ҷо аввалин иқдомот доир ба барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ оғоз шуданд. Оғози кори иҷлосия ибтидои умеду дилпурии мардуми Тоҷикистон аз фаъолияти ҷасуронаву ватанпарастонаи вакилони интихобкардаи худ буд, ки масъулияти вазнини баргузории онро ба ухда гирифта буданд.

Гузашти вақт собит намуд, ки вакилони Шӯрои Олӣ дар ин иҷлосияи таърихиву тақдирсоз зарурат ва аҳаммияти нигоҳдории якпорчагии давлат ва ягонагии миллати тоҷикро ҷиддан дарк мекарданд. Мардуми Тоҷикистон низ аз онҳо ҷиҳати аз буҳрони шадиди сиёсиву иҷтимоӣ баровардани мамлакат иродаи мустаҳками сиёсӣ, заковат ва ғайрату матонатро интизор буданд.Вакилони халқ бо қабули қарорҳои воқеан ҳаётӣ собит намуданд, ки онҳо ҷонибдори истиқлолияти давлатӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, якпорчагии Тоҷикистон ва ободиву рушди ояндаи он мебошанд.

Ҳангоми интихоб шудан ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ ва Сарвари давлати Тоҷикистон дар он лаҳзаҳои бисёр хатарнок хуб эҳсос ва дарк мекардам, ки масъулияти басо вазнин, вале таърихӣ - гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, қатъи ҷанг, таъмин намудани сарҷамъии миллат, яъне пешгирӣ кардани хавфи аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест гардидани давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва пароканда шудани миллати тоҷикро ба дӯш мегирам. Мардуми Тоҷикистон низ аз роҳбарияти навинтихоб ва таъиншудаи давлат ва Ҳукумат ба ҳамин савол ҷавоб гирифтан мехостанд. Ба ҳайси Сар-

вари давлат ман бояд аз лаҳзаҳои аввал мавқеи худро оид ба моҳият ва сохти давлатдории Тоҷикистон эълон медоштам, зеро итминони комил доштам, ки фаъолияти минбаъдаам аз ин масъала вобастагии зиёд дорад.

Расо бисту панҷ сол қабл дар ҳамин рӯз, яъне 19-уми ноябри соли 1992 дар ҳамин толор ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ ва Сарвари давлат роҳи минбаъда ва сохти давлатдорииояндаи Тоҷикистонро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эълон кардам, ки минбаъд роҳи саодати миллати тоҷик ва ободии Тоҷикистон гардид. Дар муроҷиатномаи худ ба мардуми шарифи Тоҷикистон 12 декабри соли 1992 иброз дошта будам, ки «тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои ободиву пешрафти Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам...». Ва ифтихор дорам, ки бо гузашти бисту панҷ сол ба ин ҳадафҳои неки худ расидем ва имрӯз миллат сарҷамъу дар фикри ободии Ватан аст.

Бояд гуфт, ки Иҷлосияи XVI як қатор шахсонеро ба майдони давлатдорӣ овард, ки нисбатан ҷавон ва ҷонибдори ғояҳои нав буда, минбаъд дар ҷараёни кор баробари давлати тозаистиқлол обутоб ёфтанд ва аз мактаби бузурги сиёсӣ гузашта, ба камолот расиданд. Вале қадамҳои аввал ниҳоят душвор буданд, мушкилоту монеаҳо ҳар рӯзу соат ва ҳар сари қадам чун кӯҳи гарон эҳсос мешуданд. Илова бар ин, дар он рӯзҳои мушкил, ки дарди мардум ба зудӣ даво меҷуст, хазинаи давлат тамоман холӣ буд. Дар он айём роҳбароне низ буданд, ки ба хотири манфиати худ нақшаи ба давлатҳои дигар фурӯхтани охирин имкониятҳои иқтисодии кишвар - аз ҷумла нерӯгоҳи барқи обии «Норак» ва корхонаи алюминийро кашида буданд.

Дар чунин шароити ниҳоят печидаву мушкил Иҷлосияи XVI-ум баробари ба таври қатъӣ эълон кардани волоияти қонун, тартибу низоми ҷамъиятӣ ва пешгирӣ кардани кӯшишҳои харобгаронаву ҷудоихоҳонаи қувваҳои муайяни дохиливу хориҷӣ дар ҳаёти мардуми кишвар таҳаввулоти амиқ ва дигаргуниҳои бунёдии сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиро ворид намуд. Аз рӯзҳои аввал аксари вакилони парламент, роҳбарони ба вазифаҳо интихоб ва таъиншуда бо садоқат ба миллат ва давлати худ дар паҳлӯи ман истода, дар бунёди давлати миллӣ саҳми арзишманд гузоштанд, ки ба ҳамаи онҳо барои хизмати содиқонаашон аз номи худ ва мардуми Тоҷикистон миннатдорӣ баён менамоям.

Ҳамаи шумо хуб дар ёд доред, ки иҷлосия кори худро маҳз аз қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи афви умумӣ» ва «Дар бораи гурезаҳо» шурӯъ кард. Баробари интихоб шудан ба вазифаи пурмасъулияти Раиси Шӯрои Олӣ дар ҳузури вакилони иҷлосия ва дар назди халқи шарифи Тоҷикистон савганд ёд карда будам, ки «агар лозим шавад, ба ивази ҷони худ сулҳу ваҳдатро ба Тоҷикистони азиз бозмегардонам ва то даме, ки як гурезаи тоҷик дар хориҷи кишвар умр ба сар мебарад, ман ором буда наметавонам».

Бо итминони комил ба сулҳи наздику фарогир дар иҷлосия пешниҳод намудам, ки рӯзи 26 ноябри соли 1992 Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии мардуми Тоҷикистон эълон шавад ва чунин қарор аз тарафи вакилони иҷлосия низ қабул шуд. Вале баъдан маълум гардид, ки тарроҳони хориҷӣ ва дохилии ин ҷанг, аз ҷумла роҳбарону фаъолони собиқ Ҳизби наҳзат, ки умуман, ҳисси миллӣ надоштанд ва ба хотири нафси бади худ имонашонро фурӯхта буданд, аз ниятҳои шуми хеш ба осонӣ даст намекашанд. Ин буд, ки баъд аз иҷлосия низ солҳои тӯлонӣ барои барқарории сулҳу ваҳдати миллӣ сарф шуданд. Музокироти сулҳи тоҷикон ҳудуди 4 сол тӯл кашида, дар 9 даври гуфтушунидҳои тӯлонӣ 40 санаду созишнома ба имзо расонида шуд. Ва хулосаи мантиқии ин музокирот имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27 июни соли 1997 буд, ки имсол мо бистсолагии онро ҷашн гирифтем.

Баъди иҷлосия раванди ба Ватан баргардонидани гурезаҳо оғоз шуд ва то соли 2000-ум беш аз як миллион нафар ҳамватанони мо ба ҷойҳои зисти доимиашон баргаштанд. Аз кишварҳои хориҷӣ баргардонидани гурезаҳо яке аз ҳассостарин лаҳзаҳои раванди сулҳи тоҷикон ва аз ҷумлаи нодиртарин амалҳое буд, ки дар таърихи халқи тоҷик анҷом дода шуд.

Дар ҷараёни кори иҷлосия мо ба ҳамаи давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ эълон намудем, ки Тоҷикистон ҷонибдори бо ҳамаи кишварҳои олам ба роҳ мондани муносибатҳои судманд дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ҷонибдори таъмини ҳаёти оро-

му осуда ва шоистаи ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад. Сиёсати сулҳ ва «дарҳои кушода» ҳамчун ҷавҳари сиёсати хориҷии Тоҷикистон аввалин бор дар ҳамин иҷлосия эълон шуда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пуштибонӣ ёфт. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бо таваҷҷуҳ ба кори Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ ҳамфикриву ҷонибдориашро аз қарорҳои қабулшуда ва азму иродаи роҳбарияти нави давлати Тоҷикистон дар хусуси баркарор намудани сохти конститутсионӣ ва эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ баён намуд. Андешаи бунёди чунин давлат, ки бори аввал дар Иҷлосияи шонздаҳум садо дод, минбаъд асоси сиёсати дохилӣ ва хориҷии мо, самт ва раҳнамои фаъолияти давлат ва мақомоти он, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандони мамлакат гардида, дурустии худро дар ҳаёт собит кард.

Гузашти вақт собит намуд, ки азму иродаи мо доир ба эъмори давлати муосири демократӣ ба кишварҳои пешрафтаи олам эътимод бахшид ва имрӯз қариб тамоми давлатҳои олам бо Тоҷикистон робитаҳои дӯстона барпо карда, иқдому ташаббусҳои созандаи моро ҷиҳати ҳалли масъалаҳои глобалӣ, аз ҷумла масоили вобаста ба об пуштибонӣ менамоянд. Дар баробари ин, иҷлосияи шонздаҳум барои эҳё ва барқарор гардидани аркони давлатдории миллӣ ва ниҳодҳои асосии он заминаи мусоид фароҳам овард. Агар он рӯзҳоро ба ёд орем, вазъ то ҳадде мураккаб гардида буд, ки аксари сокинон ба ояндаи кишвар бовар надоштанд ва ҳатто барои фаъолият дар мансабҳои баланди давлатӣ розӣ намешуданд.

Тавре борҳо изҳор намудам, ҳатто нақшаи ба чанд қисмат тақсим намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа тарҳрезӣ шуда, баъзе нерӯҳои дохилӣ омодаи амалӣ намудани ниятҳои хоҷагони худ буданд. Иҷлосияи шонздаҳум ба ин масъала низ нуқтаи ниҳоӣ гузошт ва Тоҷикистон ҳамчун давлати ягона ҳифз карда шуд. Баъдан, Тоҷикистони соҳибистиқлол дорои сохтори мукаммали идоракунии давлатӣ, Ҳукумати фаъол, мақомоти олии қонунгузор ва намояндагӣ, Артиши миллӣ, ҳокимияти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рамзҳои давлатӣ, яъне Нишону Парчам ва дигар рукнҳои зарурии давлатдорӣ гардид.

Дӯстони азиз!

Ҳамдигарфаҳмии аксарияти вакилони иҷлосия, муттаҳид будани онҳо дар самти дарку эҳсоси масъалаҳои муҳимму тақдирсози мамлакат, ҳисси баланди масъулиятшиносии онҳо дар ҳалли мушкилоти гузоштташуда боиси минбаъд таъмин гардидани заминаи ваҳдати миллӣ ва рушди ҷомеа гардид. Дар лаҳзаҳои тақдирсози ҳаёти давлат ва халқи Тоҷикистон ба ҳам омадани фарзандони баномуси миллат, муттаҳидӣ дар атрофи Роҳбари давлат, натарсидан аз душвориву хатарҳои мавҷуда, эътимод ба ояндаи неки давлат ва халқи худ имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба як давлати ободу зебо ва рӯ ба инкишоф мубаддал гардонид. Бинобар ин, бо истифода аз фурсати муносиб мехоҳам ба ҳамаи вакилони халқ барои хизмати бузургашон дар баргузории иҷлосия ва сокинони шаҳри бостонии Хуҷанд ба хотири фароҳам овардани шароити мусоид ба ширкаткунандагони чорабинии таърихӣ миннатдории самимӣ баён намоям.

Аз рӯзҳои аввали кори иҷлосия ва таъсиси Ҳукумати нав тамоми марому мақсади мо аз суботи устувори сиёсиву иҷтимоӣ ва тартибу низоми ҷамъиятӣ сар карда, то ободониву созандагии сарзамини аҷдодӣ ва рушду инкишофи ҷомеа сафарбар гардида буд. Маҳз бо дастгирии мардуми кишвар ва ваҳдату сарҷамъии миллат минбаъд ба мо муяссар гашт, ки таҳкурсии ободиву пешрафти минбаъдаи кишварро гузорем. Манзури ман, дар навбати аввал, таҷдиду тармим ва бунёди роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти минтақавӣ ва байналмилалӣ, нақбу пулҳои замонавӣ, нерӯгоҳҳои барқӣ, хатҳои интиқоли барқ ва амсоли инҳо мебошад. Вақте ки ин иншоотҳои ҳаётан муҳим сохта мешуданд, мо илова ба барномаҳои иқтисодӣ ҳадафи ҷиддитареро дар назар доштем, ки тавассути бунёду таҷдиди роҳҳо қаламрави иборат аз се қисмати Ватанамонро ба кишвари воҳид табдил диҳем. Баъдан, ба Ҳукумати мамлакат муяссар гардид, ки шабакаи ягонаи энергетикии кишварро низ ба вуҷуд орад, ки он на танҳо омили баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум, балки яке аз василаҳои таъмини амнияти миллӣ низ мебошад.

Илова бар ин, тавассути татбиқи сиёсати иҷтимоие, ки дар Иҷлосияи XVI-ум пеш гирифта шуд, дар мамлакат заминаҳои воқеие ба вуҷуд оварда шуданд, ки тадриҷан боиси пешрафту таҳкими соҳаҳои иҷтимоӣ гардиданд. Бо мақсади зина ба зина беҳтар кардани рӯзгори мардуми кишвар дар солҳои минбаъда як қатор тадбирҳои бетаъхир андеши-

да шуданд. Вобаста ба ин, мехостам таваҷҷуҳи шуморо ба баъзе дастовардҳои даврони баъди баргузории Иҷлосияи шонздаҳум ҷалб намоям, ки он айём дар қадом вазъ қарор доштем ва ҳоло дар қадом шароит кору зиндагӣ мекунем.

Чунонки дар боло зикр намудам, ҷанги шаҳрвандӣ ва буҳрони сиёсие, ки кишвари моро фаро гирифта буд, боиси хисороти азими иқтисодӣ гардид. Танҳо соли 1992 маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли 1991 зиёда аз 35 фоиз коҳиш ёфта буд. Буҷети давлатӣ барои соли 1993 ҳамчун буҷети фавқулода тасдиқ гардида, захира надошт. Ҳамаи кӯшишҳои Ҳукумати қонунии кишвар дар баробари таъмини сулҳу субот, инчунин, барои боздоштани суръати баланди коҳишёбии иқтисодӣ равона гардида буданд. Дар ин муддат аллакай ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ се баробар ва кишоварзӣ ду баробар кам шуда буд.

Фалаҷшавии низоми молиявию иқтисодӣ, гуруснагии аҳолӣ, корхонаҳои саноатӣ ва дигар иншооти иқтисодиву иҷтимоии харобу валангоршуда ва аз фаъолият бозмонда ба мавҷудияти давлат таҳдид мекард. Бо вуҷуди ин, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва татбиқи ислоҳот дар ин самт заминаҳои меъёрии ҳуқуқиро такмил дода, барои ба фаъолият даровардани иқтидорҳои истеҳсолӣ ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ гардонид. Ин тадбирҳо ба мо имкон доданд, ки танҳо аз соли 2000-ум ба марҳалаи рушд ворид гардем. Аз он давра то ба имрӯз даромади буҷети давлатӣ аз 250 миллион сомонӣ то 21 миллиард сомонӣ афзоиш ёфт. Ҳамзамон бо ин, даромади аҳолӣ қариб 30 баробар ва пасандозҳо беш аз 90 баробар зиёд гардида,

> Ҳар коре, ки анҷом додем, ба хотири адои қарзи фарзандӣ дар назди Ватан – Модар буд ва минбаъд низ тамоми донишу таҷриба ва саъю талоши худро дар ин роҳ бедареғ сарф хоҳем кард.

сатҳи камбизоатӣ аз 83 то 30 фоиз коҳиш ёфт.

Ба туфайли интихоби дурусти ҳадафҳои умумимиллӣ ва амалӣ гардонидани стратегияву барномаҳои давлатӣ дар 17 соли охир суръати миёнаи рушди иқтисодии кишвар ба 7,7 фоиз баробар шуд. Дар ин давра бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ садҳо корхонаи хурду бузурги истеҳсолӣ бунёд ва садҳо ҳазор ҷойҳои корӣ таъсису барқарор карда шуданд. Агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ фаъолият карда бошад, ҳоло ин шумора ба беш аз 2000 расидааст. Инчунин, бунёди иншооти энергетикиву нақлиётӣ, яъне нерӯгоҳҳои бузург ва миёнаву хурди барқи обӣ, зеристгоҳҳо, роҳу пулҳо ва нақбҳои замонавӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ-мактабу кӯдакистонҳо, беморхонаву марказҳои муосири тиббӣ ва ҳатто донишгоҳу донишкадаҳо дар манотиқи гуногуни кишвар ба роҳ монда шуд. Дар ин самт, қабули Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро бояд махсус зикр кард, ки дар натиҷаи татбиқи он рӯзгори мардум то андозае ба эътидол оварда шуд. Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум имрӯз низ яке аз ҳадафҳо ва вазифаҳои муҳимму стратегии Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ҳозирини гиромӣ!

Ҳоло мехоҳам бори дигар баъзе масъалаҳои муҳимми рушди минбаъдаи давлатдориамонро зикр намоям.

Дар шароити торафт печидаву мураккаб гардидани вазъи ҷаҳони муосир, аз ҷумла шиддат гирифтани муборизаҳои геосиёсӣ миёни давлатҳои абарқудрат, хусусияти муташаккил ва боз ҳам хатарноктар касб кардани терроризму экстремизм ва дигар таҳдиду хатарҳои нав таъмини амният ва ҳифзи сулҳу субот барои тамоми кишварҳои олам, аз ҷумла барои Тоҷикистони мо ба масъалаи аввалиндараҷаву ҳаётӣ табдил ёфтааст. Чунин вазъ аз ҳар фарди бедордилу худшиноси ҷомеаи мо тақозо менамояд, ки ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд, ба таълиму тарбияи фарзандон муносибати ҷиддӣ намоянд ва дар роҳи ҳимояи давлатдории миллиамон ҳамеша омода бошанд.

Мо то имрӯз марҳалаи бисёр мураккаби ташаккули давлатдории миллии худро асосан ба анҷом расонидем ва бисёр мушкилотеро, ки хоси як давраи таърихӣ буданд, ҳал кардем. Вале дар бобати мустаҳкаму пойдор нигоҳ доштани истиқлолияти давлатӣ ва афзун намудани дастовардҳои он бояд даҳсолаҳо заҳмат кашем. Ин масъала дастури рӯзмарра ва ҳаётан муҳимми фаъолияти ҳар фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватандӯст мебошад.

Солҳои охир мо шоҳиди он ҳастем, ки баъзе доираҳои манфиатҷӯй бо роҳи таъсиррасонии иттилоотӣ ва бо исти-

фода аз ноогоҳии мардум, махсусан ҷавонон, вазъи сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии баъзе кишварҳоро бисёр хатарнок гардонида, ҳатто баъзе давлатҳоро аз байн бурда истодаанд. Дахолати рӯирости доираҳои манфиатдорро ба равандҳои дохилӣ мо дар замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сахт эҳсос мекардем ва чунин бозиҳои геосиёсии абарқудратҳоро имрӯз дар чандин кишварҳои ҷаҳон мушоҳида менамоем. Бо дарназардошти вазъи ҷаҳони муосир баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ ва боз ҳам таҳким бахшидани худшиносиву худогоҳии миллии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами марҳалаи рушди кунунии давлатдориамон ба ҳисоб меравад.

Дар чунин марҳалаи ҳассос ҳифзи Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ ва амнияту суботи он ҳамчун вазифаи меҳварӣ ва асосии мо боқӣ мемонад. Шоҳидони воқеаҳои ҷанги шаҳрвандӣ, яъне насли калонсоли мо, ки даҳшати ҷанги дохилиро бо чашми худ дидаанд, арзишу қимати сулҳу ваҳдатро хуб дарк мекунанд. Бинобар ин, мо бояд арзиши сулҳу ваҳдати миллиро ҳамчун фарҳанги зиндагии мардум боз ҳам густариш диҳем. Мо бояд дар замири насли ҷавон ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, ҷиддияту заҳматдӯстӣ ва эҳтироми волоияти қонунро тарбия кунем, то онҳо тавонанд Ватани азизамонро ҳамчун намояндагони сазовор ва арзандаи миллати куҳанбунёди тоҷик дар арсаи ҷаҳон ба таври шоиста муаррифӣ намоянд. Дар ин

> Баробари интихоб шудан ба вазифаи пурмасъулияти Раиси Шӯрои Олӣ дар ҳузури вакилони иҷлосия ва дар назди халқи шарифи Тоҷикистон савганд ёд карда будам, ки «агар лозим шавад, ба ивази ҷони худ сулҳу ваҳдатро ба Тоҷикистони азиз бозмегардонам ва то даме, ки як гурезаи тоҷик дар хориҷи кишвар умр ба сар мебарад, ман ором буда наметавонам».

лаҳзаҳои идона бо ифтихор иброз медорам, ки ман ба иродаи қавӣ, нерӯи созанда ва хиради азалии мардуми сарбаланди тоҷик эътимод дорам.

Аз ин лиҳоз, дар назди кулли сокинони шарафманди Тоҷикистон, ки аз оғози истиқлолият то имрӯз ҳамаи мушкилоту маҳрумиятҳои сахту сангини зиндагӣ, хусусан, даҳшату фоҷиаҳои давраи ҷанги шаҳрвандиро босаброна таҳаммул карда, ба хотири таъмини сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва пешрафти сарзамини аҷдодӣ бо сарҷамъӣ ва умед ба фардои ободу осуда заҳмат кашиданд, сари таъзим фуруд меорам. Ҳамчунин, бо арзи сипос ба кулли сокинони кишвари маҳбубамон изҳор менамоям, ки мо хизматеро, ки то имрӯз ба халқи азизи Тоҷикистон кардем, миннат намекунем. Баръакс, ҳар коре, ки анҷом додем, ба хотири адои қарзи фарзандӣ дар назди Ватан – Модар буд ва минбаъд низ тамоми донишу таҷриба ва саъю талоши худро дар ин роҳ бедареғ сарф хоҳем кард.

Мо ҳанӯз мушкилоту камбудиҳои зиёд дорем ва ба хотири ҳалли онҳо бояд даҳсолаҳо заҳмат кашем. Итминонам комил аст, ки дарояндаи наздик мо ҳама якҷо, бо заҳмати содиқонаву софдилонаи худ, ҳамаи мушкилоти ҷомеа ва давлатамонро тадриҷан бартараф мекунем. Мову шумо аз сангинтарин имтиҳони таърих ва рӯзҳои пурталотуми эъмори давлатдории миллиамон гузашта, имрӯз ба сулҳу суботи комил расидем ва ин дастоварди нодири халқамонро чун гавҳари бебаҳо ҳифз мекунем. Бовар дорам, ки минбаъд низ ҳар як фарди бонангу номус ва фарзандони худогоҳу худшиноси Ватан дар роҳи таҳкими истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои Тоҷикистони азизамон бештар талош варзида, барои бартараф намудани мушкилоти мавҷуда ва дар ин замина таъмин кардани зиндагии шоистаи мардум саҳми арзандаи хешро мегузоранд.

Бори дигар ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ ва тамоми ҳамватанони азизро ба ифтихори ҷашни муборакки чорякасраи Иҷлосияи сарнавиштсози Шӯрои Олӣ табрик гуфта, орзу менамоям, ки дар сарзамини аҷдодиамон - Тоҷикистони азиз офтоби сулҳу сафо ҳамеша дурахшон ва аз нуру зиёи он замири ҳар як фарди Ватан ҷойгоҳи ваҳдати миллӣ, ободиву осудагӣ ва хушбахтии ҷовидонӣ бошад!

Саодати ҳамешагӣ насибатон бод, ҳамдиёрони азиз!

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РУШДУ ТАҲКИМИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Таърихи қадиму пурифтихори мардуми шарафманди мо исбот кардааст, ки давлатдории миллӣ ҳамеша ба забони тавонманд ва пӯёву поё ва забони миллӣ дар навбати худ ба давлати мустақил ва давлатдори нигаҳбону посдори забон ниёз доштааст. Дар таърихи халқи тоҷик собит шудааст, ки марҳилаҳои рушди таърихии забон низ ба зуҳури шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ алоқамандӣ доранд.

Ба эҳтимоли муҳаққиқони таърихи забон бо расмият ёфтани забони форсии дарӣ дар дарбори амири тоҷиктабори Сaффориён - Яъқуби Лайс дар соли 867, ки сухани маъруфи ӯ «чизе ки ман андарнаёбам чаро бояд гуфт?!» пеши роҳи густариши забони арабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр садди сангин гузошт, давраи миёнаи забонҳои эронӣ анҷом пазируфта, давраи нав шурӯъ гардид.



Мирзо Ҳасани Султон, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон

> Дар натиҷаи чунин сиёсат тадриҷан сатҳи забондонии аҳли ҷомеа боло рафта, забони матбуот ва дигар воситаҳои ахбор беҳтар ва симои лавҳаву овезаҳои шаҳру деҳот ба куллӣ дигаргун шуд.

Вале авҷи шукуфоию баландагии забони модарии мо дар давраи нав аҳди давлатдории Сомониён шинохта шудааст. Бунёдгузори давлати Сомониён – Исмоили Сомонӣ на танҳо «девори Бухоро» буд, балки девори забони модарӣ ҳам буд, ки сиёсати ватанхоҳию забонгустарии ӯ ба рушди бесобиқаи ин забон ва фурӯғи истеъдоди шоироне чун Рӯдакию, Фирдавсӣ, ки саромади шоирони форсизабони ҷаҳон эътироф шудаанд ва донишмандоне чун Беруние Ибни Сино, ки бо таълифи шоҳасарҳои илмии «Китобу-т-тафҳим» ва «Донишнома» ба забони модарии мо дар ҷодаи илм «шеваи роҳгардӣ» омӯхтаанд, мусоидат кард.

Сиёсати забонгустарии Исмоили Сомонӣ ва дигар амирони ин хонадон чунон қавӣ пайрезӣ шуда буд, ки хонадонҳои баъдии ғайримаҳаллии бақудратрасида, аз қабили Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён, Чингизиён, Темуриён, Шайбониён, Ҷониён ва амирони сулолаи Манғития бечуну чаро аз ин сиёсат пайравӣ кардаанд. Гузашта аз ин, Салҷуқиён мунодии ин забон дар Осиёи Сағир ва Ғазнавиёну Темуриён ҳомили он дар сарзамини Ҳинд будаанд.

Ба иттилои муаллифи ношинохтаи таърихномаи туркии «Таворихи гузидаи нусратнома» поягузори давлати Шайбониён (1500-

1598) Муҳаммад Шайбонихон, ки асли чингизӣ дошт, на танҳо ба забони модарии мо шеър месуруд, балки баъд аз гузаштани тақрибан панҷсад сол аз рӯзгори Давлати сомонӣ асли худро ба Исмоили Сомонӣ пайванд медод.

Охирин амирони манғитияи Бухоро низ бо забони модарии мо сухан гуфтанро барои худ мояи ифтихор медонистанд ва амир Абдулаҳад бо тахаллуси Оҷиз ашъори зебо сурудa, ба иттилои устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо», бо устод тавассути радду бадали шеър мукотиба доштааст.

Аммо дар замони давлатдории Шӯравӣ бар асари сиёсати забонзудой ва русигустарӣ доираи корбурди забони тоҷикӣ маҳдуд шуд ва забони модарӣ аз маҷрои табиии рушди худ берун монда, имконоти дохилии ғаноафзой ва дар маҷмӯъ то ҷое сарриштаи кори худро дар ҷомеа аз даст дод.

Бинобар ин, дар солҳои охири давлатдории Шӯравӣ мубориза барои озодӣ ва истиқлолталабии мардуми тоҷик нахуст аз мубориза барои забони модарӣ шурӯъ гардид, ки зиёиёни асили миллии мо, аз қабили устодон Осимӣ, Шакурӣ, Акбари Турсон, Лоиқ, Шарофиддини Рустам ва диг. парчамдори ин мубориза буданд.

Ҳарчанд 22 июли соли 1989 Қонуни забони Тоҷикистон ба тасвиб расид ва забони тоҷикӣ дар қаламрави Тоҷикистон мақоми давлатӣ пайдо кард, вале ҳамоно дар роҳи рушди забони модарӣ мушкилоту монеа фаровон буд.

> Бо фароҳам омадани имкону шароит бо ташаббуси Пешвои миллат ва Сарвари давлат марҳила ба марҳила барномаҳои рушди забони давлатӣ таҳия, тасвиб ва амалӣ гардиданд.

Қабули эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 9 сентябри соли 1991 барои рушди забон заминаи созгор муҳайё кард, вале аз ин ҳодисаи фараҳбахш чанде нагузашта, бо тавтиаи бадхоҳони дохилию хориҷӣ дар мамлакат оташи ҷанги дохилӣ забона зад, ки кишварро хароб, бозори забону фарҳанги миллиро касод ва ҳазорон мардуми бегуноҳро ба коми худ фурӯ бурд.

Давлату миллат ва забону фарҳанги миллӣ ба раҳогари ормоние чун Исмоили Сомонӣ ниёз дошт, ки дар ин марҳилаи сарнавиштсоз тақдири давлатро комилан ба дасти худ гирифта, киштии муроди миллатро аз ин гирдоби фано ба соҳили наҷот саломат бирасонад.

Ба бахти мардуми мо ва савобдиду салоҳдиди вакилони оқибатбину фарҷомнигари Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раҳбарии кишвар ба зиммаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон вогузор шуд.

Пешвои миллат аз рӯзҳои нахустини ба мақоми раҳбарӣ расидан, тақдири давлату миллат ва забони давлатиро бо ҳам тавъам шумурда, бақои давлатро дар паноҳи забон ва забонро дар паноҳи давлат эълом дошт.

Метавон гуфт, бо ин иқдоми созанда ва барқарории сулҳу сабот дар ҷомеаи Тоҷикистон ва бо раҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди ҷомеаи озоди демократӣ ва давлати миллӣ камари ҳиммат бастани мардуми тоҷик забони давлатӣ ба марҳилаи нави рушди худ ворид гардид.

Сухани ноб ва ширину шевои тоҷикӣ бори нахуст дар баландтарин минбарҳои ҷаҳон аз забони Пешвои миллат садо дод ва ба ҷаҳониён аз ҳастии давлату миллати тоҷик мужда расонд. Танини забони модарӣ ва забони офаридаҳои Рӯдакию Фирдавсӣ, Ибни Синову Берунӣ, Носири Хусраву Умари Хайём, Саъдию Мавлоно, Ҷомию Аҳмади Дониш, Айнию Турсунзода... дар ақсои олам аз эҳёи дигарбораи забону фарҳанги ҳазорсолаи тоҷикон дарак дод.

Ҷилваи ҷамоли забони модарӣ дар суханрониҳо ва силсилаи асару мақолаҳои Пешвои миллат завқи забондонию забономӯзиро дар дили хурду калон, пиру барно бедор кард. Дар қалби кӯчаки кӯдакону наврасон шуълаи тобноки муҳаббати самимона ба за-

бони модарӣ фурӯзон шуд ва дигар муҳол аст, ки боду борони рӯзгорон ин шуълаи муҳаббату самимиятро хомӯш гардонад.

Бо шарофати сиёсати забонгустарӣ ва иқдомҳои пайдарпайи Пешвои миллат дар ин замина забони модарӣ ҷойгоҳи аслии худро дар миёни ҳамаи қишрҳои ҷомеа, дар ҳамаи мактабу коллеҷҳо ва донишгоҳу донишкадаҳо, дар тамоми идораву вазоратхонаҳо ва корхонаву муассисаҳо пайдо намуд ва дар мақоми шоиставу боистаи худ ҷой гирифт. Дар натиҷаи чунин сиёсат тадриҷан сатҳи забондонии аҳли ҷомеа боло рафта, забони матбуот ва дигар воситаҳои ахбор беҳтар ва симои лавҳаву овезаҳои шаҳру деҳот ба куллӣ дигаргун шуд.

Ин нукта низ шоистаи таъкид аст, ки устоди зиндаёд Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой ба заҳматҳои Пешвои миллат дар ин замина баҳои баланд дода, кору пайкори эшонро бо талошҳои устод Айнӣ, ки дар даҳаи сӣ ва чили садаи бист барои аз осебҳо раҳо кардани забони тоҷикӣ мубориза мекард ва шогирдону пайравонаш талошҳои ӯро идома доданд, қиёс намуда, гуфта буд: «Талошҳои Айнӣ ва пайравони ӯ ранги хусусӣ дошт, талоши шахсӣ буд. Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон... он талошҳои хусусии Айнӣ ва пайравонашро ба сатҳи давлатӣ бардоштанд» (Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Забони миллӣ ва ҷаҳонгаройӣ. – Душанбе, 2010. с.55).

Ба андешаи устод Шакурӣ бар асари ин иқдом «Дар ҳамин понздаҳ-бист соли охир як чизи бисёр муҳим рӯй дод, ки шумораи касоне, ки ба забони мо босаводона ва хуб гап мезананд, зиёдтар шудааст. Мо телевизион тамошо мекунем, радио гӯш мекунем, дар маҷлисҳо менишинем, дар мулоқотҳо бо роҳбарони идораҳо, бо мансабдорон рӯ ба рӯ мешавем ва мебинем, ки дар байни онҳо касоне, ки бо тоҷикии хуб суҳбат мекунанд ва ба дараҷаи муайян саводи тоҷикӣ доранд, торафт зиёдтар мешаванд. Ин бисёр муваффақияти муҳим аст, ки забони хуби тоҷикӣ ба дараҷаи баландтарин мансабҳо, вазоратҳо ва идораҳои давлатӣ расидааст (Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Забони миллӣ ва ҷаҳонгаройӣ. с.55)».

Эҳёи номҳои аслии таърихӣ ва номгузорӣ ба мавзеу маҳалҳое, ки бар асари сиёсатҳои давр ё ҷотабдилии қавму қабилаҳои кӯчӣ табдили ном кардаанд, аз иқдомҳои дигари муҳимми Пешвои миллат дар роҳи рушду таҳкими забон ва эҳёи худшиносию худогоҳии миллӣ ба ҳисоб меравад.

> «Суханҳои олие, ки Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забони модарӣ ва бузургдошти он гуфт, ман дар ин умри дарозам аз ҳеҷ сарвари Тоҷикистон нашунида будам.

Бо шарофати ин иқдом дар харитаи ҷаҳон дар қаламрави Тоҷикистон номҳои Суғд, Бохтар, Хуросон ва ғ. дубора арзи ҳастӣ намуда, ба пайванди наслҳо тақвият бахшид.

Сомонӣ ном гирифтани яке аз унсурҳои муҳимми давлатдории миллӣ – пули миллӣ бо тасвири симои бузургони дирӯзу имрӯзи миллат ва дарҷи қитъаи шеър дар паси пул аз иқдомҳои шоистаи Пешвои миллат ба ҳисоб меравад, ки ҳампайвандии забону фарҳанг ва иқтисоду молияи моро барои имрӯзу фардо таъмин мекунад.

Бори нахуст дар таърихи нави давлатдории Тоҷикистон бо салоҳдиди Пешвои миллат Кумитаи забон ва истилоҳот дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд ва раёсати он ба зиммаи забоншиноси маъруф, устоди шодравон Додихудои Саймиддин вогузор гардид.

Бо пешравиҳои назаррас дар роҳи бунёди давлати миллӣ зарурат пеш омад, ки Қонуни забон, ки қабл аз рӯзгори Истиқлолият ба тасвиб расида буд, таҷдиди назар карда шавад. Бинобар ин, дар таърихи 5 октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» дар таҳрири нав аз тарафи Пешвои миллат ба имзо расид ва ин таърих рӯзи азиздошти забони модарӣ муқаррар гардид, ки ҳамасола дар кишвари мо

бо шукӯҳу ҷалоли хос таҷлил мешавад.

Бо фароҳам омадани имкону шароит бо ташаббуси Пешвои миллат ва Сарвари давлат марҳила ба марҳила барномаҳои рушди забони давлатӣ таҳия, тасвиб ва амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016, ки 30 июни соли 2012 аз тарафи Раиси Ҳукумати мамлакат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тасвиб расид ва лоиҳаи Консепсияи миллии рушди забони давлатӣ, ки айни замон дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, дурнамои рушди забони модариро барои солҳои минбаъда дар бар гирифта, ба татбиқи муваффақонаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» равона гардидаанд. Ҳадаф ва вазифаҳои барнома ва консепсияи мазкур асосан нигаҳдошти асолат ва ҳувияти забони модарӣ чун омили ҳастӣ ва бақои миллат дар рӯзгори мо мебошад.

Пешвои миллат дар чанд суханронии худ мухолифаташро ба тамоюли одию омиёна кардани забони адабӣ изҳор намуда, таъкид кард, ки забони кӯчаву бозор ҳаргиз наметавонад ҷавобгӯйи ниёзмандиҳои аҳли ҷомеа дар рӯзгори имрӯзаи пешрафти босуръати илму фан бошад. Баръакс, Сарвари давлат таъкид бар он дорад, ки вакти он фаро расидааст, то забони

> Эҳёи номҳои аслии таърихӣ ва номгузорӣ ба мавзеу маҳалҳое, ки бар асари сиёсатҳои давр ё ҷотабдилии қавму қабилаҳои кӯчӣ табдили ном кардаанд, аз иқдомҳои дигари муҳимми Пешвои миллат дар роҳи рушду таҳкими забон ва эҳёи худшиносию худогоҳии миллӣ ба ҳисоб меравад.

давлатӣ дар кишвари мо бо саъйи донишмандон ва дигар аҳли зиё ба пояи забони илм ва технологияи пешқадами муосир бардошта шавад.

Ёдоварӣ мебояд, ки Пешвои миллат андеша ва мулоҳизаҳои худро дар бораи забон дар аксари асару мақола ва суханрониҳои худ, аз ҷумла китобҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» ва «Забони миллат – ҳастии миллат» баён намудааст. Бахусус, китоби «Забони миллат – ҳастии миллат», ки саргузашти забони модарии моро бо ҳама шебу фароз ва комгорию нокомиҳои он аз оғози рушд то рӯзгори Хоразмшоҳиён дар бар мегирад, дастури хуби омӯзиши таърихи забон барои дӯстдорону алоқамандони забони модарист.

Дар ҳамин китоб Пешвои миллат таъкид ба он дорад, ки «Яке аз вижагиҳои аслии бисёр муҳимми забони мо хосияти баҳамоварӣ ва ё ваҳдатофарии он аст. Ин хусусият сипас дар ташаккули он ба унвони як забони умумӣ барои мардуми эронитабор нақши муассир бозид (Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе, 2016. с.15)».

Ба назар чунин мерасад, ки худи Пешвои миллат низ дар фурӯ нишондани оташи ҷанги бародаркуш ва сарҷамъ намудани миллат бо силоҳи ваҳдатофари забон, ки нахустсухани фаъолияти давлатдорияш: «ман ба Шумо сулҳ меоварам» буд, мубориза кард ва пирӯз шуд.

Ҳосили сухан, зикри ин матлабро муҳим медонам, ки устоди бузургвор Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой, ки умри дарози пурбаракати худро сарфи рушди забону фарҳанги миллӣ намуд, нақши меҳварии Пешвои миллатро дар роҳи рушди забон ва худшиносии миллӣ дар рӯзгори Истиқлолият таъкид намуда, бо самимияту садоқати ба худ хос фармуда буд: «Суханҳои олие, ки Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забони модарӣ ва бузургдошти он гуфт, ман дар ин умри дарозам аз ҳеҷ сарвари Тоҷикистон нашунида будам. Шак нест, ки миллати тоҷик дар роҳи худшиносӣ аз Эмомалӣ Раҳмон миннатдор хоҳад буд».

# Islamic Development Bank committed to Tajikistan development projects



DUSHANBE (TCA) — On September 13, Tajikistan President Emomali Rahmon and President of the Islamic Development Bank (IDB) Dr. Bandar Hajjar gave the official start to the construction and reconstruction of Kulob-Shamsiddin Shohin section of Kulob–Kalaikhumb motor road, the press service of the Tajik president reported. This road section is 32 km long and will be reconstructed for $51 million.

This section is the main part of Kulob–Kalaikhumb road and its reconstruction will allow round-the-year transportation of passengers and freights.

After that, Rahmon and Bandar Hajjar commissioned the Shuraabad-Shohon section of Kulob–Kalaikhumb motor road. At the ceremony, President Rahmon said that these road sections are important transport arteries that will serve today's and tomorrow's needs of the nation.

At the meeting with the President of the Islamic Development Bank on September 12 in Dushanbe, Rahmon discussed various aspects of cooperation between Tajikistan and the IDB.

**www.timesca.com**

# Strengthening Infrastructure in Tajikistan for Disaster and Climate Resilience



## A CHANGING CLIMATE – AND GROWING RISK

The deep irony of climate change is that the countries least responsible for its causes will suffer the most from its effects. Nowhere in Central Asia is this truer than in Tajikistan, a heavily mountainous region with a population of 8.5 million and a high vulnerability to climate-induced shocks like droughts, flooding, landslides, and more.

By 2050, up to one third of the glaciers across Central Asia are predicted to disappear entirely, dramatically raising the risk of sudden floods from glacier lake outburst. For the country's agricultural sector, which employs nearly 60 percent of the population, disasters like this are especially devastating, as vital transport networks are washed away, often taking months or years to restore.

In 2015, for example, high temperatures caused massive glacial flooding and mudflows that damaged critical infrastructure, forced more than 10,000 people to evacuate, and knocked out electricity to more than 80 percent of affected communities.

Rising disaster and climate risk, in addition to high vulnerability to seismic events, is threatening to undo

much of Tajikistan's impressive development progress over the last few decades.

Since 1999, Tajikistan has managed to cut its poverty rates in half, and reduce extreme poverty by nearly two-thirds. However, the last 25 years have also seen a string of major disasters across the country, collectively causing economic losses in excess of $1.8 billion and affecting more than 80 percent of the population, with the most vulnerable bearing the brunt of these impacts.

In order to protect Tajikistan's socioeconomic gains and make development efforts in the country sustainable, efforts to build climate and disaster resilience are essential.

Resilient Infrastructure for Sustainable Development

With the aforementioned challenges in mind, the World Bank has been partnering with the government of Tajikistan to strengthen critical infrastructure in some of the most vulnerable regions. A new $50 million project (Strengthening Critical Infrastructure Against Natural Hazards) aims to:

- Reconstruct and upgrade critical bridges in the Gorno-Badakhshan Autonomous Oblast (GBAO) to improve their resistance to impact from flooding and mudflows. In addition to securing important emergency transportation networks, the upgrades will also allow for more fluid traffic and help unlock local economic potential;
- Reconstruct and reinforce selected river embankments to improve river flow in the Khatlon region, increasing household safety, preventing erosion, and decreasing disruptions to farming activities;
- Modernize the national crisis management center and emergency communication systems to enable first responders to rapidly access hazard information, generate timely warnings for at-risk communities, and dispatch emergency services more effectively;
- Develop a disaster risk financing strategy for Tajikistan to prepare for efficient financing mechanisms for post-disaster response, recovery and reconstruction.

## PARTNERING TO REDUCE DISASTER RISK

The comprehensive project, which is expected to benefit more than 650,000 people, builds on years of important partnerships between the government and key development partners to identify priority risks, align with international best practices, and execute strategic investments in resilience.

In 2016, for example, Tajikistan sent experts to Japan to meet with government agencies, disaster risk management and infrastructure specialists as part of an important knowledge-sharing exercise. Insights from this exchange helped inform Tajikistan's own strategy for strengthening key transport areas throughout the country. The government also worked closely with ARUP, a leading independent infrastructure firm, to ensure that the country's investments are climate-resilient.

Other important partners, such as UNDP, Aga Khan Development Network, the Asian Development Bank, and others also provided key financing and technical assistance that both expanded the scale and shortened the implementation of these important interventions, highlighting the shared commitment to quality infrastructure across leading development actors.

To better explore how developing countries can leverage resilient infrastructure, both in the built environment and in nature-based solutions, the Global Facility for Disaster Reduction and Recovery, the European Union, the Government of Japan, and USAID are hosting a special instance of the Resilience Dialogue series on International Day for Disaster Risk Reduction (Friday, October 14th) alongside the 2017 World Bank/ IMF Annual Meetings.

This conversation is especially important considering that, over the next 20 years, we will collectively build more infrastructure than over the last 2,000 years – locking in either risk or resilience for future generations. Tajikistan's experience proves that strategic and climate-smart investments can better protect lives and development gains from disasters.

**http://www.worldbank.org**

## >> ГУЗАРИШ АЗ ҲАДАФГИРИИ МОНЕТАРӢ БА ҲАДАФГИРИИ ТАВАРРУМ



3 ноябри соли 2017 бо иштироки Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва ҳайати намояндаҳои Хазинаи байналмилалии асъор дар Тоҷикистон, Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон, Бонки осиёии рушд дар Тоҷикистон, Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (GIZ) ва Бонки Рушди Олмон дар робита ба масъалаҳои сиёсати монетарию қарзӣ, тадқиқот ва рушди Бонки миллии Тоҷикистон мулоқоти корӣ доир гардид.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев сараввал таваҷҷуҳи ҳозиринро ба ислоҳоту навовариҳо, аз қабили истифодаи фишангҳои нави монетарӣ ҷиҳати гузариши ботадриҷ ба реҷаи муосири сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум (Inflation targeting), ки давоми ду соли охир раванди татбиқшавӣ дорад, ҷалб намуд. Номбурда таъкид намуд, ки барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда дар ин самт корҳои зиёд анҷом дода шудаанд, вале дар баробари ин зарурат ба кумаки техникӣ, аз ҷумла ҷалби мушовирони таҷрибадор ба миён омадааст.

Дар идомаи машварат аз ҷониби Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушди БМТ дар мавзӯи "Гузариш аз ҳадафгирии монетарӣ ба ҳадафгирии таваррум", яъне нақшаи гузариш ба ҳадафгирии таваррум, дурнамо ва такмили он, чораёни ташаккули сиёсати монетарӣ, воситаҳои таъсиррасони сиёсати монетарӣ, нақши равобит бо ҷомеа тавассути ВАО, аз ҷумла тақвият бахшидани доираи фаъолияти бахши матбуот ва васеъ кардани сохтори он, татбиқи сиёсати асъорӣ, амалиётҳои монетарӣ, талаботҳои захиравӣ, бозори пул ва коғазҳои қиматнок, пешбинӣ намудани пардохтпазирӣ муарифинома пешниҳод гардид.

Дар қисмати муҳокимаронӣ ҳайати намояндагони институтҳои байналмилалии молиявӣ аз сатҳи ҳамкориҳо бо Бонки миллии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, дар қисмати муаррифӣ ба масъалаҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, таҳкимёбии фишангҳо, аз ҷумла истифодаи фишангҳои фоизии сиёсати монетарӣ, фаъолияти бозори байнибонкӣ, тақвияти қобилияти дурнамосозӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Аз ҷумла, зикр гардид, ки шартҳо ва имкониятҳои дархости Бонки миллии Тоҷикистон дар мавриди расонидани кӯмаки техникӣ ҷиҳати беҳтар намудани инфрасохтор ва ҷалби мушовирон дар ҳамбастагӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Дар мулоқоти корӣ намояндаи доимии ХБА дар Тоҷикистон Юрий Соболев, намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон Ян Петер Олтерс, роҳбари намояндагии БОР дар Тоҷикистон Прадеб Шривастава, роҳбари намояндагии БАТР дар Тоҷикистон Айтен Рустамова, муовини директори Намояндагии Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (GIZ) дар Тоҷикистон Томас Люкс, намояндаи Бонки Рушди Олмон KfW Манучеҳр Бақоев ва дигар мутахассисони ин ташкилотҳои молиявӣ, роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ширкат доштанд.

Ҳадафгирии таваррум – реҷаи сиёсати пулию қарзиест, ки ҳадафи ниҳоии он муътадил намудани нархҳо дар давраи дарозмӯҳлат мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф Бонки миллӣ тавассути сиёсати фоизӣ ҷиҳати таъмини муътадилии нархҳо ҷораҷӯӣ менамояд.

Ба ҳолати имрӯз 28 давлати дунё аз реҷаи ҳадафгирии таваррум истифода мебаранд. Аз ҷумла, раванди (таҷрибаи) мазкур дар миёни кишварҳои ИДМ дар ҷумҳуриҳои Арманистон, Гурҷистон, Русия ва Украина мушоҳида гардида, дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Белорусия ба реҷаи ҳадафгирии таваррум таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

## >> ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" БА ФАЪОЛИЯТ ШУРӮЪ НАМУД

Мутобиқи моддаи 42-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаҳои 7, 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2017, таҳти №138 ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Коммерсбонки Тоҷикистон" барои анҷом додани амалиёти



бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

Иҷозатномаро ба роҳбарияти ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ супорида, аз номи роҳбарияти БМТ барори кору муваффақият орзу намуд.

Бояд қайд кард, ки Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Коммерсбонки Тоҷикистон" тариқи табдилдиҳӣ дар заминаи ЧДММ ТАҚХ "Фардо" таъсис дода шуда, муассисони он шаҳрвандони кишвар ба шумор меравнд.

Иҷозатномаи ЧДММ ТАҚХ "Фардо" барои иҷрои амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки 23 июни соли 2016 дода шудааст, бинобар табдилёбӣ ба бонк аз эътибор соқит дониста шуд.

Номи Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Коммерсбонки Тоҷикистон" дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ ва Маълумотномаи "Рамзҳои мушаххаси бонкии ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дохил карда мешавад.

**> > МУЛОҚОТ БО НАМОЯНДАИ ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ИМА**

Дар мулоқоти кории муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо Мушовири калони Гурӯҳи хизматрасониҳои бонкию молиявии Департаменти



хазинадории Вазорати молияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) ҷаноби Уилям Томас, ки 31 октябри соли 2017 баргузор гардид, масъалаи ҳамкориҳо дар бахши низоми бонкӣ ва пешниҳоди кӯмаки техникӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар оғози мулоқот Ҷамолиддин Нуралиев меҳмонро бо вазъи феълии низоми бонкии ҷумҳурӣ, навовариию ислоҳот дар низом, аз ҷумла татбиқи ислоҳоти сохторӣ, ба кор бурдани фишангҳои нави монетарӣ, ки давоми 2 соли охир давра ба давра амалӣ шуда истодаанд, шинос намуд. Номбурда изҳор дошт, ки нововбаста аз фишорҳои бӯҳронӣ дар ин муддат сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаи муътадили якрақама нигоҳ дошта шуд.

Дар ҷараёни суҳбат таваҷҷуҳи намояндагони Департаменти хазинадории ИМА ба як қатор навгониҳо дар соҳаи низоми бонкӣ, аз ҷумла истифодаи фишангҳои нави монетарӣ ҷиҳати гузариши ботадриҷ ба реҷаи муосири пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум ва вобаста ба ин ҳалли монеаҳои мавҷуда ва баланд бардоштани имкониятҳои касбӣ, инчунин таҷдиди низоми автоматикунонии бонкӣ (АБС) ҷалб карда шуд. Ҳамзамон қайд гардид, ки барои татбиқи босифати ин ислоҳот Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи кӯмаки техникӣ ба ҷалби мушовирон ниёз дорад.

Зимни мулоқот муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев ҳайати намояндагии Департаменти хазинадории ИМА-ро барои ҳамкорӣ дар бахши низоми бонкӣ, аз ҷумла бахши суғурта, хавфҳои эҳтимолӣ, кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ дар ИМА, баланд бардоштани маърифатнокии молиявии аҳолӣ даъват намуд. Зикр гардид, ки табодули таҷриба дар ин самт, кӯмаки техникӣ ва бозомӯзӣ намудани кормандон ба манфиати кор хоҳад буд.

Мушовири калони Гурӯҳи хизматрасониҳои бонкию молиявии Департаменти хазинадории Вазорати молияи ИМА ҷаноби Уилям Томас барои даъват ба Бонки миллии Тоҷикистон миннатдории хешро баён намуда, ҷиҳати оғоз кардани ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд дар сатҳи нав ва самтҳои барои Бонки миллии Тоҷикистон манфиатбахш изҳори омодагӣ намуд. Вобаста ба пешниҳодҳои дар боло овардашуда ҷаноби Уилям Томас изҳор дошт, ки Бонкҳои марказӣ бояд бо барномаи муосири нав фаъолияти худро пеш баранд ва Департаменти хазинадории ИМА дархости Бонки миллии Тоҷикистонро дар ин самт мавриди баррасӣ қарор хоҳад дод. Зимнан номбурда афзуд, ки аз захираи мушовирони Департамент истифода бурда, дар бахшҳои зикргардида пешниҳоди кӯмаки техникиро амалӣ хоҳад намуд. Аз ҷумла Департаменти хазинадории ИМА дар бахши суғуртаи низо-

ми бонкӣ, назорат ва танзим, баланд бардоштани маърифатнокии молиявии аҳолӣ, бахши тадқиқотҳо ва амсоли инҳо табодули таҷриба ва омӯзиш мусоидат хоҳад кард.

Дар мулоқоти мазкур, ҳамзамон иқтисодичии Сафоратхонаи ИМА дар Тоҷикистон Эндрю Бари, мушовири Сафоратхонаи ИМА дар Тоҷикистон Замира Тошматова ва дигар роҳбарони воҳидҳои дахлдори БМТ иштирок доштанд.

## > > КОНСТИТУТСИЯ ҲУҶҶАТИ ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТ



2 ноябри соли 2017 дар Бонки миллии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола 6 ноябр ҷашн гирифта мешавад, бо иштироки муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Машрабзода Ҳамидулло, судяи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳошимзода Даврон, роҳбарон ва кормандони бонк маҷлиси тантанавӣ баргузор гардид.

Нахуст муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Машрабзода Ҳамидулло суханронӣ намуда, чунин иброз дошт: "Яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо шарофати Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз ҷониби мардум аввалин Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуда, ин рӯзи таърихӣ дар кишвар рӯзи Конститутсия эълон гардид. Бояд ҳамеша дар ёд дошт, ки Конститутсияи Тоҷикистон ҳуҷҷати муътабару тақдирсози миллату давлат, ифодагари манфиатҳои халқу омоли меҳнаткашон буда, миллату давлати тоҷиконро дар арсаи олам муаррифӣ менамояд".

Дар идомаи воҳӯрӣ доир ба моҳияти ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз Судяи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳошимзода Даврон суханронӣ намуд. Мавсуф зимни суханронӣ бо ишора ба муҳиммияти ин Сарқонун махсусан қайд намуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрию ҳуқуқӣ эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, арзиши олии миллат ҳисобида мешавад.

"Тибқи қонун ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Ҳуқуқу вазифаҳои инсон аз ҷониби давлат эътироф ва кафолат дода мешаванд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин мавзӯъ таъкид намуда буданд, ки моро зарур аст санадҳои ҳуқуқии худро таҳия ва қабул намуда, онҳоро бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намоем ва ба ин васила, барои бунёди давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд заминаи ҳуқуқӣ гузорем. Ҳамин тавр, идеяи қабул намудани Конститутсия аз Иҷлосияи таърихии Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд сарчашма гирифт".

Бо шарофати қабули Конститутсия ҷомеаи ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмиллалӣ ва халқи тоҷикро чун мардуми бунёдкор, сулҳпарвар ва фарҳангӣ шинохтанд.

Дар қисмати ҷамъбастии чорабинӣ иштирокдорони ҳамоиш ба саволҳои худ вобаста ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби судяи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон посухҳои мушаххас гирифтанд.

## > > ВОКУНИШИ БМТ БА МАВОДИ ХАБАРГУЗОРИИ "АЗИЯ-ПЛЮС"

Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба ахбори нашркардаи "Азия-Плюс" таҳти унвони «Главный банкир Таджикистана не спешит выполнять поручение спикера парламента" (09.11.с. 2017, дар сомонаи www.news.tj) иттилоъ медиҳад, ки тибқи талаботи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҳисоботи дахлдорро дар муҳлати муқарраргардида саривақт ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намудааст.

Ҳамзамон, дар робита ба суханони манбаи "Азия-Плюс", ки тибқи он санаи 8 ноябри соли 2017 Бонки миллӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба супориши зикргардида расман огоҳонида шудааст, қайд менамоем, ки

маълумоти мазкур беасос буда, дар хусуси супориши болозикр ба Бонки миллии Тоҷикистон муроҷиати хаттӣ ё шифоҳӣ карда нашудааст. Дар баробари ин, ба иттилоъи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ дар мавриди ҳисобот пешниҳод кардан ё накардани Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба палатаи поёнии парлумон, ба хабаргузории "Азия-Плюс" ягон иттилоъ дода нашудааст.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма" шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқие, ки воситаи ахбори омма дар хусуси ӯ маълумоти бардурӯғ ва ё маълумоти пастзанандаи шаъну шараф ва ё эътибори кориашро пахн намудааст, ҳуқуқ дорад аз редаксияи он нашри раддияро талаб намояд. Агар редаксияи воситаи ахбори омма дар бораи дуруст ва ба ҳақиқат мувофиқ будани маълумоти паҳннамудааш далел надошта бошад, вазифадор аст, ки дар худи ҳамон воситаи ахбори омма раддияро нашр намояд (моддаи 19).

Аз ин рӯ, аз хабаргузории "Азия-Плюс" хоҳиш карда мешавад, ки нисбати нашри матолиби таҳрифшуда ва нодуруст дар сомонаи "Азия Плюс" раддия нашр намояд ва ахбори ба куллӣ таҳрифшуда таҳти унвони «Главный банкир Таджикистана не спешит выполнять поручение спикера парламента"-ро, ки 9 ноябри соли 2017 дар сомонаи www.news.tj ҷойгир шудааст, аз сомона гирад.

Дар оянда хоҳиш менамоем, ки зимни омода кардани матолиб, ки ба фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон рабт дорад, барои инъикоси воқеъбинона (объективность), ки яке аз принсипҳои асосии рӯзноманигорӣ мебошад, мавқеи Бонки миллии Тоҷикистон низ ба инобат гирифта шавад. Зеро дар матолиби болозикр аз Бонки миллии Тоҷикистон мавқеъгирӣ нашудааст.

## >> "MASTERCARD" ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР



Дар доираи форуми даҳрӯзаи "Роҳ ба сӯи иқтисоди ғайринақдӣ" 28 ноябри соли равон дар Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ширкати низоми пардохти "Mastercard" барои кормандони низоми пардохти ташкилотҳои қарзии кишвар семинари таълимӣ дар мавзӯъи "Технологияҳои муосир ва хавфҳо" баргузор гардид.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова ҳадаф аз баргузории ин семинарро баланд бардоштани малакаи мутахассисони ташкилотҳои қарзӣ дар истифодаи технологияҳои муосири пардохтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ арзёбӣ кард. Ӯ ба намояндагони ширкати "Mastercard" барои саҳмгузорӣ дар рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар ҷумҳурӣ ва мусоидат барои баргузории семинари таълимӣ роҷеъ ба технологияҳои муосир ва хавфҳои эҳтимолӣ миннатдорӣ баён намуда, таъкид кард, ки таҳкими ҳамкориҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва "Mastercard" ба афзоиши ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ мусоидат мекунад.

Мутахассисони ширкати "Mastercard" – Антон Бороздин, мудири рушди тиҷорат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, Михаил Агашков мудири рушд ва навоварӣ, Алексей Думинюк мудири лоиҳаи низоми пардохт ва Евгений Балезин сардори идораи мубориза бо қаллобии ин ширкат, дар семинар ба иштирокдорон дар бораи навовариҳо дар соҳаи низоми пардохт маърӯза намуданд.

Дар семинар мавзӯъҳои навовариҳо дар соҳаи низоми пардохт, истифодабарии маълумотҳои биометрӣ дар самти пардохтҳо, технологияи ҳифзи тиҷорати электронии "Identity Check", технологияи ғайриноқили пардохтҳои "PayPass 3.0", шарҳи автоматикунонӣ, клиринг ва ҳисобҳо, бехтарнамоии ҳаққи хизмат барои амалиётҳои фаромарзӣ, идораи хавфҳо ва муқовимат бо қаллобӣ, маҳсулот ва хизматрасониҳои "Mastercard" барои коҳиши хавфҳои марбут ба қаллобӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**Маводи ин бахш бо истифода аз ахбори сомонаи www.nbt.tj таҳия шудаанд.**

# Ташрифи Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ ба БМТ

**Раиси Бонки Марказии Қатар Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ, ки 1 ноябри соли равон бо ҳамроҳии ҳайати бонки зикршуда бо сафари расмӣ дар Тоҷикистон қарор дошт, ба Бонки миллии Тоҷикистон ташриф овард.**



Ҷамшед Нурмаҳмадзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон ташрифи меҳмонони олиқадрро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, иброз дошт: ”Ташрифи Шумо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдоди муҳим ба шумор рафта, аз тақвияти рушди ҳамкориҳо дар сатҳи нав байни низомҳои молиявии ҳарду кишвар шаҳодат медиҳад. Мулоқоти имрӯза самара ва идомаи гуфтушунидҳо ва натиҷаҳоест, ки дар рафти сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 6 феврали соли ҷорӣ ба Қатар ба даст омадаанд. Бояд махсус қайд намоям, ки дар доираи сафари расмӣ 8 ҳуҷҷат оид ба ҳамкорӣ миёни давлатҳои мо, аз ҷумла Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкории бонкӣ ба имзо расида буд”.

Ҳамчунин раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз он изҳори умед намуд, ки тақвияти ҳамкориҳо байни Давлати Қатар ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди тиҷорати дуҷониба ва ҷалби сармоя ба ҳарду кишвар такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Дар ҷараёни вохӯрӣ иброз гардид, ки бонкдории исломӣ дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи намоёнро ишғол намуда, доираи васеи истеъмолкунандагони хизматрасонии бонкиро ба худ ҷалб кардааст. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба аҳдҳое, ки дар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ баста шудаанд, дар мамлакат афзоиш ёфта истодааст.

Барои тақвияти фикри боло Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳор дошт, ки Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ (собиқ Осиёи Миёна) якумин ва ягона кишварест, ки соли 2014 қонуни алоҳидаи соҳавиро оид ба фаъолияти бонкии исломӣ қабул намудааст. Бонки миллии Тоҷикистон бо Бонки Исломии Рушд ва мушовирони байналмилалӣ дар самти таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқии роҳандозии принсипҳои маблағ-



гузории исломӣ ва кушодани институтҳои қарзии исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона хамкорӣ дорад.

Номбурда ташаббуси бонкҳои пешқадами исломӣ аз кишварҳои Шарқи наздик, аз ҷумла Давлати Қатарро дар бораи кушодани филиалҳояшон дар Тоҷикистон ва хоҳиши иштирок намудан дар сармояи оинномавии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон қобили дастгирӣ арзёбӣ намуд.

Раиси Бонки Марказии Қатар Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ аз шунидани маълумот дар бораи ҷорӣ намудани низоми бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори хушнудӣ намуда, қайд кард, ки Бонки Марказии Қатар омода аст бо истифода аз имкониятҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла низоми бонкӣ ҳамкориҳои судмандро дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монад. Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ ҳамзамон иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон метавонад бо истифода аз мутахассисони соҳибтаҷрибаи Қатар дар моҳҳои наздиктарин барои кормандони низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон семинарҳо ва машғулиятҳои омӯзиширо дар самтҳои ташкил намудани машваратҳои дучониба, семинарҳо ва боздидҳои омӯзишӣ дар доираи барномаҳои таҷрибаомӯзӣ оид ба ҷорӣ намудани принсипҳо ва стандартҳои исломӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ ва сирри маълумотӣ ба роҳ монад.

Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ, раиси Бонки Марказии Қатар бо боварии том чунин гуфт: “Бо итминони комил метавонам бигӯям, ки Бонки Марказии Қатар омода аст, минбаъд низ барои беҳдошти вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмаки худро дар доираи Ёддошти тафоҳум идома диҳад ва дар қатори яке аз шарикони боэътимоди Бонки миллии Тоҷикистон қарор гирад”.

Зимни мулоқот ҷонибҳо аз он изҳори боварӣ намуданд, ки чунин вохӯриҳо ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд такони ҷиддӣ бахшида, барои дастовардҳои нав имкониятҳои хуб фароҳам меоранд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар фуроварди суҳбат омодагии хешро ҷиҳати дар доираи Ёддошти тафоҳум тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо Бонки Марказии Қатар, бахусус дар самти ташкил намудани машваратҳои дуҷониба, семинарҳо ва боздидҳои омӯзишӣ дар доираи барномаҳои табодули таҷриба оид ба ҷорӣ намудани принсипҳо ва стандартҳои исломӣ ва инчунин кӯмак барои ҷудо намудани мушовир дар давраи дарозмуддат барои ба роҳ мондани кори Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломии назди БМТ иброз намуд.

Дар мулоқоти роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳайати Бонки Марказии Қатар инчунин Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, ди-

ректори Департаменти суботи молиявӣ ва омори Бонки Марказии Қатар Шайх Халид Сауд Оли Сонӣ, директори Департаменти муносибатҳои байналмилалӣ ва матбуоти Бонки Марказии Қатар ҷаноби Абдулло Ал-Джайда, директори Департаменти равобити ҷамъиятӣ ва ташрифоти Бонки Марказии Қатар ҷаноби Аҳмад Алӣ Халаф Аҳмад, Раиси Гурӯҳи "Масраф Ал Раян" ҷаноби Адел Мустафавӣ, Раиси Бонки исломии байналмилалии Қатар ҷаноби Абдулбасит Ал Шайбей, Сафири Давлати Қатар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Алӣ ибни Муборак ал-Муханади, Консули Сафорати Давлати Қатар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Гоним Сайф ал-Хаярин ва сардорони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ширкат варзиданд.



## САМАРОВАР БУВАД ҲАМКОРИҲОИ БОНКҲОИ ТОҶИКИСТОНУ ҚАТАР

Худи ҳамин рӯз дар Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи сафари кории меҳмонон вохӯрии ҳайати расмии Бонки Марказии Қатар таҳти роҳбарии раиси ин бонк Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ бо роҳбарони ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ баргузор гардид.

Ҳайати расмии Бонки Марказии Қатарро роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон - раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, муовини якуми раис Ҷамолиддин Нуралиев, муовинони раис Лола Салимова ва Ҳамидулло Машрабзода пешвоз ва ба аҳли нишаст муаррифӣ намуданд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода ҳайати расмии Бонки Марказии Қатарро ба Бонки миллӣ хушомад гуфта, ташрифи меҳмононро рӯйдоди муҳим ва заминаи мусоид барои боз ҳам тақвият бахшидани хамкориҳои дуҷонибаи судманд байни низомҳои молиявии ҳарду кишвар арзёбӣ намуд.

Дар робита ба ин, раиси Бонки Марказии Қатар Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ иброз дошт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкил намудани низоми бонкдории исломӣ имкон пайдо мекунад ҳамкориҳоро бо сармоягузорони кишварҳои араб вусъат бахшад. Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон ҳаст дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони Қатар бонкҳои исломӣ ташкил карда шаванд.

Дар ҷараёни мулоқоти шавқовару ҷолиб Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ аз таҷрибаи Бонки Марказии Қатар дар даврони буҳрони молиявӣ мисол оварда, истифодаи чунин фишангу чораҳои танзимкунанда, аз қабили муассир намудани сиёсати монетарӣ тавассути бозори коғазҳои қиматнок, ташкили Кумита оид ба устувории молиявӣ ва таҳким бахшидани бахши суғуртаро ҷиҳати таъмини субот дар низоми бонкӣ махсусан қайд намуд. Номбурда бо камоли майл изҳор дошт, ки омода аст дар ин самт бо Бонки миллии Тоҷикистон

ҳамкории зичро ба роҳ монда, барои анҷом додани табодули таҷрибаи мутахассисони бонкҳо шароити мусоид фароҳам оварад. Илова бар ин, бо мақсади тақвият бахшидани ҳамкорӣ дар доираи Ёддошти тафоҳум, Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ баргузор намудани Форуми якҷояи соҳибкорону сармоягузорон ва ташкилотҳои қарзии ҳарду ҷонибро дар семоҳаи дуюми соли 2018 пешниҳод намуд.

Роҳбарони як қатор бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ иброз доштанд, ки мутахассисони онҳо то андозае дар самти истифодаи усулу воситаҳои татбиқи низоми бонкдории исломӣ таҷриба андӯхтаанд ва дар маҷмуъ пешниҳодҳои Раиси Бонки Марказии Қатарро дастгирӣ намуда, ба ҳамкории ҳамаҷониба омодаанд.

Аз ҷумла, намояндагони ҶСП "Казкоммертсбонк", ҶСП "Спитаменбонк", ҶДММ ТАҚХ "Алиф-Сармоя" ва дигар ташкилотҳои қарзӣ оид ба масъалаҳои танзими молиявӣ ва пешгирии хавфҳо, истифодаи технологияи муосир ва комёбиҳои дар мӯҳлати начандон зиёд, ки бо истифода аз усулу воситаҳои бонкдории исломӣ ба даст овардаанд, ба иштирокдорон муаррифиномаҳо (презентатсия) пешниҳод намуданд. Муаррифиномаҳои бонкдорони тоҷик аз ҷониби ҳайати Бонки Марказии Қатар хеле хуб арзёбӣ гаштанд, зеро истифодаи технологияҳои муосир дар рушди хизматрасониҳои бонкӣ нақши муассир дорад.



"Бо итминони комил метавонам бигӯям, ки Бонки Марказии Қатар омода аст, минбаъд низ барои беҳдошти вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмаки хуб дар доираи Ёддошти тафоҳум идома диҳад ва дар қатори яке аз шарикони боэътимоди Бонки миллии Тоҷикистон қарор гирад.

Дар фарҷоми мулоқоти хотирмони ҳайати Бонки Марказии Қатар бо ташкилотҳои қарзии мамлакат Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ ба роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон барои пазироии гарму самимӣ, ташкили вохӯриҳои корӣ изҳори миннатдорӣ баён кард. Дар баробари ин, таъсиси Маркази ҳамоҳангсозии Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Марказии Қатарро барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои самаровар иқдоми зарурӣ ва муҳим арзёбӣ намуд. Шайх Абдулло ибни Сауд Оли Сонӣ зикр кард, ки маҳз дар доираи Маркази мазкур ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд аз рӯи нақша зина ба зина ба роҳ монда хоҳанд шуд.

**Таҳияи Абдуғаффор Қурбонов, "БТҶ" бо истифода аз www.nbt.tj**

# БАРОРИШИ НАХУСТИН ВА БОБАРОРИ ВОМБАРГҲОИ ДАВЛАТИИ КИШВАР (ЕВРОБОНДҲО)

Гурӯҳи кории коршиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молия ва Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти энергетикӣ бо роҳбарии Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев аз 28 август то 8 сентябри соли равон дар ҳамкорӣ бо бонкҳои сармоягузории «Райффайзенбанк» ва «Ситибанк» дар вохӯриҳо (роудшоу) бо сармоягузорони бузурги давлатҳои ИМА, Англия ва Швейтсария ширкат варзида, муаррифии (презентатсияи) барориш ва фурӯши коғазҳои қиматноки давлатиро ба маблағи 500 млн. доллари ИМА барои идомаи сохтмони НБО "Роғун" бомуваффақият таъмин намуданд.

Дар вохӯриҳои мазкур Гурӯҳи кории ҷумҳурӣ бо зиёда аз 300 намояндаи ширкатҳо ва институтҳои бонуфузи сармоягузорӣ, аз ҷумла Голдман Сакс (дороиҳо - 1,3 трлн. доллари ИМА), Блэк Рок (дороиҳо - 5,4 трлн. доллари ИМА), Пимко (дороиҳо - 1,6 трлн. доллари ИМА), Морган Стенлий (дороиҳо - 420 млрд. доллари ИМА), Фиделити (дороиҳо - 2,13 трлн. доллари ИМА), Веллингтон Менеджмент Груп (дороиҳо зиёда аз 1,0 трлн. доллари ИМА), Ҷ.П. Морган (дороиҳо - 1,7 трлн. доллари ИМА) ва дигар ширкатҳо гуфтушунид анҷом дод.

> Аз нигоҳи ҷуғрофӣ вомбаргҳои давлатии Тоҷикистонро сармоягузорони ИМА (38%), Британияи Кабир (24%), давлатҳои Иттиҳоди Аврупо (35%) ва Осиё (3%) харидорӣ намуданд.

Дар рафти гуфтушунидҳо намояндагони ширкатҳои сармоягузорӣ ба як қатор масъалаҳои марбут ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз ҷумла, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, тамоюли рушди иқтисодӣ, ҳаҷми касри буҷети давлатӣ ва меъёри қарзи беруна, вазъи низоми бонкӣ, рафти корҳо ва нақшаи маблағгузории НБО "Роғун", ҷараёни татбиқи лоиҳаи минтақавии интиқоли барқи КАСА-1000, ислоҳот дар соҳаи энергетика, раванди гуфтушунидҳо бо Хазинаи Байналмилалии Асъор ҷиҳати амалӣ намудани барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ, диверсификатсияи захираҳои байналмилалии кишвар, шаффофияти пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, рафти ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва ғайраҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Дар қисмати ҷамъбастӣ ва нархгузории вохӯриҳо 7 сентябри соли 2017 намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо бонкҳои сармоягузории «Райффайзенбанк» ва «Ситибанк» вомбаргҳои давлатиро ба бозори молиявӣ бомуваффақият пешниҳод намуданд.

Тибқи таҷрибаи умумиҷаҳонӣ муайян намудани нархи вомбаргҳо (даромаднокии





фоизи купон) аз механизми иқтисоди бозорӣ, рейтинги кишвар ва барномаи нави ХБА вобастагӣ дорад. Дар асоси баҳодиҳии рейтинги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шуда буд, ки даромаднокии фоизи купони вомбаргҳои давлатии Тоҷикистон на кам аз 8% солонаро ташкил медиҳад.

Зимни вохӯрӣ ва муҳокимаронҳо бо сармоягузорони байналмилалӣ имкон фароҳам омад, ки диққати сармоягузорон ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар гардад. Дар натиҷа пешниҳоди хариди сармоягузорон ба вомбаргҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба 4,5 миллиард доллари ИМА зиёд гардида, пас аз гузаронидани гуфтушунидҳо, фоизи даромаднокии купони вомбаргҳо аз 8% то ба 7,125% солона коҳиш дода шуд ва вомбаргҳои давлатӣ дар ҳаҷми 500 миллион доллари ИМА ба бозори молиявии ҷаҳонӣ бароварда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки фоизи купони вомбаргҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои вомбаргҳои 10-солаи давлатҳои дорои рейтинги “B” дар солҳои 2016-2017 яке аз пасттаринҳо ба ҳисоб меравад. Омили асосии ба даст омадани чунин натиҷаи назаррас ин 9 маротиба зиёд шудани дархостҳо барои хариди вомбаргҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби 290 сармоягузори байналмилалӣ мебошад, ки ин аз боварии сармоягузорони байналмилалӣ дар бомуваффақият ба анҷом расонидани сохтмони иншооти стратегии НБО “Роғун” гувоҳӣ медиҳад.

Вомбаргҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба идоракунандагони фондҳо (85%), хедж - фондҳо (9%), бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ фурӯхта шуданд. Аз нигоҳи ҷуғрофӣ вомбаргҳои давлатии Тоҷикистонро сармоягузорони ИМА (38%), Британияи Кабир (24%), давлатҳои Иттиҳоди Аврупо (35%) ва





> Дар қисмати ҷамъбастӣ ва нархгузории вохӯриҳо 7 сентябри соли 2017 намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо бонкҳои сармоягузории «Райф-файзенбанк» ва «Ситибанк» вомбаргҳои давлатиро ба бозори молиявӣ бомуваффақият пешниҳод намуданд.

Осиё (3%) харидорӣ намуданд.

Дар навбати худ сармоягузорони байналмилалӣ дар баробари хариди вомбаргҳо инчунин аз омодагии хеш дар самти ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз дигар усулҳои сармоягузорӣ ибрози назар намуданд.

Интишори нахустини рейтинги давлатӣ ва бароришибобарори коғазҳои қиматноки давлатии кишвар (евробондҳо) ба бозорҳои ҷаҳонӣ яке аз саҳифаҳои нави таърихи ташаккулёбии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 26 соли давраи истиқлолият ва ҳамгироии он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Бонки миллии Тоҷикистон миннатдории худро ба бонкҳои сармоягузорӣ «Райффайзенбанк», «Ситибанк» ва ширкати ҳуқуқии “Морган Люис & Бокиус” барои мусоидат ва ҳамкорӣ дар барориши аввалин вомбаргҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори байналмилалии сармоя баён менамояд.

**Файзалии Сафаралӣ**
**Сардори Шуъбаи амалиётии ДИЗБ ва СҚА-и БМТ**

# ҲАЙАТИ РАСМИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ИМА

**Рӯзҳои 11 - 14 октябри соли 2017 дар шаҳри Вашингтони ИМА ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон - раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусалом Қурбониён, сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМА Фарҳод Салим, намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки Ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор Илҳом Раҷабов, сардори Идораи муносибатҳои байналмилалӣ Фарҳод Билолов дар ҳафтаи ҷаласаҳои солонаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ иштирок намуда, дар доираи кори он якчанд мулоқотҳои судмандро анҷом доданд.**



Ҷамшед Нурмаҳмадзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи сафари ҳайати расмии ҷумҳурӣ дар мулоқоти Шӯрои тиҷоратии ИМА-Тоҷикистон бо намояндагони доираҳои тиҷоратии ИМА ширкат варзида, оид ба талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароит, фазо ва имкониятҳои мусоиди сармоягузорӣ барои сармоягузорони хориҷӣ ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла гидроэнергетика, туризм, низоми бонкӣ ва ширкати бозорҳои дохилӣ дар бозорҳои коғазҳои қиматноки ҷаҳонӣ маълумоти муфассал манзур намуд.

Номбурда иброз дошт, ки фаъолияти Шӯрои мазкур барои густариши ҳамкориҳои минбаъда ва самараноки Тоҷикистону ИМА заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Дар ҷараёни сафари зикршуда раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳамзамон як



қатор мулоқоту вохӯриҳоро бо намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва сармоягузорони хориҷӣ доир намуд.

Аз ҷумла, Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо муовини директор-Мудири Хазинаи байналмилалии асъор ҷаноби Тао Чжан оид ба натиҷаи иҷрои тадбирҳо дар доираи барномаи нави ХБА, зарурати роҳандозии барномаи нави ХБА ва ҷалби сарисвактии сарчашмаҳо дар доираи барномаи мазкур мубодилаи афкор намуд. Таъкид гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат бахшидани ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд бо Хазинаи байналмилалии асъор омода аст ва яке аз нақшаҳои наздиктарин ин оғоз намудани Барномаи нави ХБА барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, иброз карда шуд, ки ҷонибҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушд ва нигоҳдории суботи молиявию бонкӣ чораҳои заруриро хоҳанд андешид.

Инчунин, тайи ин рӯзҳо Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо Раиси Бонки миллии Швейтсария Томас Джордан ва Вазири молияи Швейтсария Ули Мауер мулоқоти судманд доир намуд.

Мавсуф изҳор кард, ки дар давоми беш аз 20 соли ҳамкорӣ Швейтсария тавонист, манфиатҳои Тоҷикистонро дар Шӯрои директорони ХБА ва Бонки ҷаҳонӣ дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ намояд, барои баланд бардоштани иқтидори сиёсати монетарӣ, идораи захираҳои байналмилалӣ ва хавф ба Бонки миллии Тоҷикистон мусоидат кунад. Махсус кайд карда шуд, ки ҳамкориҳои судманди Бонки миллии Тоҷикистон бо Бонки миллии Швейтсия дар якҷоягӣ бо ХБА, Бонки ҷаҳонӣ ва Департамент оид ба рушди байналмилалӣ (DFID) дар самти дастгирии доимӣ ва рушди масоили низоми бонкӣ ҳамеша эҳсос карда мешавад.

“Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ҳамкасбони швейтсариягӣ, аз ҷумла дар самти боло бурдани иқтидори БМТ оид ба масоили идораи захираҳои байналмилалӣ, идораи хавф, сиёсати монетарӣ ва расонидани кӯмак дар бахши хуб ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстонаи шарикӣ бо бонкҳои



тиҷоратии Швейтсария, исботи ин гуфтаҳост»,-изҳор дошт Ҷамшед Нурмаҳмадзода.

Дар доираи ин сафар Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо Гурӯҳи Электорати ХБА ба сухан баромада, барои фароҳам овардани имконияти мусоид ҷиҳати ширкат дар чорабинии 25-умин солгарди ҳамкориҳои кишварҳоямон дар чаҳорчӯбаи Гурӯҳи ХБА миннатдории худро баён намуд. Ҳамзамон ӯ ҷаноби Мирослав Панекаро барои таъйин гардиданаш ба вазифаи Директори иҷроияи ХБА табрик гуфта, қайд намуд, ки дар давраи раисии Швейтсария дар Электорат бо шарофати аз ҷониби Шӯрои директорон дастгирӣ ёфтани Швейтсария ҳамаи манфиатҳо ва ташаббусҳои аъзои Гурӯҳ ба эътибор гирифта шуда, қарорҳои мусбат қабул карда мешуданд.

Изҳор карда шуд, ки таҷрибаи шарикии давлатҳои аъзои Гурӯҳи ХБА ва Дафтари директорони иҷроия на танҳо ба пешниҳоди овоз ва ҳимояи манфиатҳои давлатҳои аъзо, балки барои баланд бардоштани манфиатҳои шӯроҳои давлатҳои аъзои Гурӯҳ мусоидат намуд. Бинобар ин, Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳори умед кард, ки Директори феълии Гурӯҳи ХБА ин таҷрибаро идома дода, мисли роҳбари қаблӣ манфиатҳои аъзои Гурӯҳ ва Шӯрои директорони Хазинаи байналмилалии асъорро дастгирӣ менамояд.

Дар ҷамъбасти суханронии хеш Раиси Бонки миллии Тоҷикистон барои бартараф намудани таъсири бӯҳрони молиявӣ ва дар амал татбиқ намудани ислоҳоти пешбинишуда зарурати қабули барномаи нави ХБА барои Тоҷикистонро (барномаи охирин соли 2009 тарҳрезӣ шуда буд) бо дастгирии Электорат муҳим арзёбӣ намуд.

Масъалаи татбиқи барнома аз ҷониби Хазинаи байналмилалии асъор дар мулоқоти Раиси БМТ Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо Директори Департаменти Хазинаи байналмилалии асъор оид ба кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ Ҷиҳад Азур мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Зимни мулоқот Ҷамшед Нурмаҳмадзода ба масъалаи Шарҳ аз рӯи моддаи IV барномаи ХБА ва нашри он, баррасии натиҷаҳо оид ба иҷрои тадбирҳои пешакӣ дар доираи барномаи нави ХБА, зарурати барномаи нав ва ҷалби ҳамзамони захираҳо дар доираи барнома, пешниҳодҳо оид ба кӯмаки техникӣ махсусан ишора намуд. Номбурда ба дастгирии ХБА изҳори умед намуда, зикр кард, ки барномаи ХБА ба таҳкими суботи иқтисодӣ ва мусоидат ба ислоҳоти сохтории васеъ, бахусус дар бахши молия ва низоми бонкӣ ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони молиявӣ ва таъсири манфии он ба иқтисодиёти кишвар равона хоҳад шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар рафти сафари чоррӯзаи худ ба ИМА Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни вохӯрию мулоқотҳои судманд масъалаҳои тавсеа бахшидани ҳамкориҳои дуҷонибаро дар самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла низоми бонкӣ ба миён гузошта, ҷиҳати идома додани ҳамкориҳои минбаъда пешниҳодоти мушаххасу манфиатбахш манзур менамуд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# Сиёсати монетарӣ: **Фишангҳои муосир самара меоранд**



Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои дигари давлатӣ тайи чанд соли охир сиёсати пайгиронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷиҳати дар амал татбиқ намудани фишангҳои нави идоракунии самараноки ислоҳоти иқтисодӣ ва молиявӣ, ки онҳо тадриҷан мавқеъ ва сохтори иқтисодии моро дар самти рушди низоми мустақил, худкифоя ва соҳибистиқлол таъмин менамояд, чораҳои зарурӣ андешида истодааст.

Қабл аз ҳама, бояд қайд намоем, ки мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи нишондиҳандаи муътадили якрақама нигоҳ доштани меъёри таваррум ба ҳисоб меравад. Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, соли ҷорӣ дар тағйирёбии сатҳи нархҳо таъсири омилҳои ғайримонетарӣ нақши асосӣ бозида, ба он бештар коҳишёбии истеҳсолот ва пешниҳоди ками маҳсулоти алоҳидаи хӯроквори, ҳамчунин омилҳои мавсимӣ таъсир расониданд. Ҳамзамон тағйирёбии қурби асъор дар аввали сол бинобар сабаби сармоякунонии бонкҳои муаммодор то андозае фишорҳои таваррумиро зиёд намуд.

Вале новобаста аз таъсири манфии омилҳои берунӣ ва фишорҳои қурбию таваррумӣ, татбиқи сиёсати шаффофи монетарӣ ҷиҳати ба эътидол овардани тағйирёбии қурби пули миллӣ, нигоҳдории қобилияти харидории он ва барқарор намудани фаъолияти солими низоми бонкӣ чораҳои мушаххас андешида шуда, таваррум дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда истодааст.

Дар ин самт, пеш аз ҳама, фишангҳои монетарӣ, аз ҷумла меъёри бозтамвил истифода гардида, сатҳи он то 16,0 фоизи солона муайян карда шуд. Ҳамзамон, ҷиҳати таъмини мувозинатии талаботу пешниҳодот дар бозори асъор, танзими ҳаҷми пардохтпазирӣ ва кам намудани сатҳи долларикунонӣ меъёри фоизи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ то 3,0 фоизи солона ва бо асъори хориҷӣ то 9,0 фоизи солона муқаррар карда шуд.

Дар нуҳ моҳи соли 2017 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии бонкҳо, руш-

ди низоми молиявӣ ва бозори аввалияи коғазҳои қиматнок зиёда аз 150 музоядаи коғазҳои қиматнок баргузор карда шуда, ҳаҷми фурӯши коғазҳои қиматнок 6,7 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,4 млрд. сомонӣ ё худ 2,0 маротиба зиёд мебошад.

Дар баробари ин, бо мақсади муътадил гардонидани вазъи бозори дохилии асъор ва кам кардани фишорҳо ба қурб, маҷмӯъи чораю воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, аз он ҷумла дахолатҳои бевоситаи асъорӣ анҷом дода шуданд.

Дар натиҷаи андешидани сиёсати фаъоли зиддитаваррумии монетарӣ, таъмини вазъи боэътидоли бозори дохилии асъор ва қурби асъор ва дар баробари ин ба даст овардани ҳосили баланди тирамоҳии сабзавот ва пешниҳоди он ба бозори истеъмолӣ, сатҳи таваррум аз аввали сол ба 6,0 фоиз баробар шуд. Таҳлилҳо ва арзёбӣ нишон медиҳанд, ки дар ҷамъбасти соли 2017 сатҳи таварруми солона дар доираи нишондиҳандаи якрақама ва мақсаднок то 7,0 фоиз нигоҳ дошта мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки солҳои 2015 ва 2016 низ сатҳи таваррум мувофиқан 5,1 фоиз ва 6,1 фоизро ташкил намуда буд ва дар маҷмуъ он дар доираи нишондиҳандаҳои барои рушди иқтисодиёт мусоидаткунанда нигоҳ дошта шуд. (тибқи мушоҳидаҳо болоравии сатҳи таваррум дар ин солҳо дар баъзе давлатҳои ҳамсоя намоён буда, он то ададҳои дурақама, яъне зиёда аз 10 фоизро ташкил дода буд).

Қурби расмии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА аз аввали соли 2017 то 31 октябри соли ҷорӣ ба андозаи 11,7 фоиз коҳиш ёфта, новобаста аз пешбиниҳои бархе аз иқтисодшиносон, ки то 15 сомонӣ боло рафтани қурбро арзёбӣ мекарданд, қурби пули миллӣ барои 1 доллари ИМА 8,8 сомониро ташкил дод. Татбиқи чораҳои мазкур имконият дод, ки фарқияти назарраси дар байни қурбҳо мавҷудбуда, ба маротиб кам шуда, хариду фурӯши асъори нақд аз бозори ғайрирасмӣ ба бозори расмӣ баргардонида шавад. Гузашта аз ин, баландшавии қурби доллари нақди ИМА ва зиёдшавии фарқияти байни қурбҳои расмӣ ва мубодилавӣ боздошта шуд.

Хурсандиовар аст, ки дар ин давра ҳаҷми захираҳои софи байналмилалӣ ва захираҳои умумии хориҷӣ нисбат ба аввали сол мувофиқан 2,4 ва 2,2 маротиба афзуда, нишондиҳандаи устувории сатҳи захираҳои умумии хориҷӣ аз 2,6 то ба 5,6 моҳи воридотӣ (тибқи маълумоти оид ба ҳаҷми воридоти Агентии омор) расонида шуд, ки чунин нишондиҳанда қаблан дар иқтисодиёти кишвар мушоҳида нашудааст.

Бо мақсади ҷоннок ва васеъ кардани имкониятҳои сиёсати монетарӣ, инчунин ташаккул ва таъсирбахш намудани механизми фишангҳои фоизии сиёсати пулию қарзӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ислоҳоти сохтории навро пайваста бо истифода аз таҷрибаи амалиётии муосири татбиқи сиёсати монетарӣ амалӣ намуда истодааст.

Дар натиҷаи кӯшишу талошҳои пайваста санадҳои меъёрии танзимкунандаи фишангҳои нав ва доимамалкунандаи монетарии бо пули миллӣ ифодаёфта, аз қабили қарзҳои шабонарӯзӣ (овернайт), қарзҳои рӯзона (интрадей), музоядаҳои қарзӣ (7 ва 14 рӯза) ва пасандозҳои шабонарӯзӣ ҷорӣ ва дар амал татбиқ карда шуданд.

Вобаста ба ин, ҳамчунин дар нуҳ моҳи соли 2017 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам тавассути фишангҳои қарзӣ барои таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ 397,5 млн. сомонӣ қарзҳои кутоҳмуддат ҷудо гардиданд.

Илова бар ин, бо мақсади табдил додани меъёри бозтамвил ба меъёри фоизи калидӣ ва нишондиҳандаи асосноки инъикоскунандаи мавқеи сиёсати монетарӣ дар бозори пулӣ, меъёрҳои фоизии ҳамаи фишангҳои зикршуда бо меъёри бозтамвил пайваст карда шуданд. Амали мазкур имконият

медиҳад, ки механизми трансмиссионии алоқамандии меъёри бозтамвил бо меъёри ниҳоии фоизӣ ташаккул ва пурзӯр карда шавад.

Ҳамзамон, истифодаи фишангҳои зикргардида тавассути ташкили платформаи савдои электронии байнибонкии “Thomson Reuters”, пайвастшавӣ ва оғоз кардани кори низоми электронии савдо ба роҳ монда шуда, он барои таъмини шаффофият, фаврият ва дастрасии бехтари ташкилотҳои қарзӣ ба фишангҳои монетарии ҷалб ва пешниҳоди пардохтпазирии Бонки миллии Тоҷикистон шароит фароҳам овард.

Ҷиҳати муайян намудани самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ дар давраи миёнамуҳлат, “Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” ба тасвиб расонида шуд, ки он масъалаҳои густариши ислоҳоти институтсионалӣ, таъсирбахшии фишангҳои монетарӣ, вусъатдиҳии бозори пулӣ ва дигар ҷабҳаҳоро барои гузариш ба реҷаи нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум ва ба ин васила ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳоро дар бар мегирад.

Ва ниҳоят, бо мақсади таҳкими дараҷаи самаранокии фаъолияти Бонки миллии

> Қурби расмии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА аз аввали соли 2017 то 31 октябри соли ҷорӣ ба андозаи 11,7 фоиз коҳиш ёфта, новобаста аз пешбиниҳои бархе аз иқтисодшиносон, ки то 15 сомонӣ боло рафтани қурбро арзёбӣ мекарданд, қурби пули миллӣ барои 1 доллари ИМА 8,8 сомониро ташкил дод.

Тоҷикистон ҳамчун бонки танзимгар, инчунин таъсирбахшии сиёсати пулию қарзӣ, баланд бардоштани эътимоднокӣ ба он як қатор ислоҳотҳо, аз қабили такмили раванди таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, рушди воситаҳои нави азнавмаблағгузорӣ ва механизми истифодаи меъёри бозтамвил, идоракунии босамари пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонкӣ, ташкили низоми электронии байнибонкӣ бо пули миллӣ, оптимизатсияи сиёсати қурби асъор, идораи захираҳои байналмилалӣ ва диферсификатсияи он, баланд бардоштани сатҳи идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, татбиқи рукнҳои бонкдории нав ва шаффофи ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ, пурзӯр ва самарабахш гардонидани назорати низоми бонкӣ, ҷорӣ намудани талаботҳои (BCBS II) Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, беҳтар намудани услуби баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои низом, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, такмили раванди шаффофият ва ахборотдиҳӣ, таҳия ва такмили моделҳои риёзӣ-иқтисодӣ ҷиҳати дурнамосозии нишондиҳандаи асосии макроиқтисодӣ, такмилдиҳии фаъолияти Кумитаи сиёсати пулию қарзии БМТ, Кумитаи инвеститсионии БМТ ва таҳкими идоракунии хавфҳо барои баҳодиҳии амалиётҳои асъорӣ, ҳавасмандкунии истифодаи пули миллӣ ва дедолларизатсиякунонии иқтисодиёт, иваз намудани низоми байнибонкии пардохтии амалкунанда ба Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо (НАБИМ) ва Палатаи автоматишудаи клирингӣ амалӣ шуда истодааст, ки ин аллакай самараи худро нишон дода истодааст.

**Манучехр Асоев,**
**Директори Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушди БМТ**

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-СЕНТЯБРИ СОЛИ **2017** ДОРОИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2017** | **Соли 2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 4 200 187 982 | 4 366 065 716 | -165 877 734 | -3,8% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 226 579 403 | 2 761 765 686 | 464 813 717 | 16,8% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 727 498 671 | 2 608 396 436 | 119 102 235 | 4,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 909 505 879 | 1 703 011 160 | 206 494 719 | 12,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 916 261 036 | 759 803 385 | 156 457 651 | 20,6% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 821 105 361 | 598 253 420 | 222 851 941 | 37,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 532 314 126 | 533 560 624 | -1 246 498 | -0,2% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 335 301 936 | 310 316 974 | 24 984 962 | 8,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 255 758 816 | 164 000 746 | 91 758 070 | 55,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 189 480 323 | 223 912 026 | -34 431 703 | -15,4% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 185 278 269 | 148 687 283 | 36 590 986 | 24,6% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 112 182 846 | 97 848 444 | 14 334 402 | 14,6% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 105 320 742 | 128 406 249 | -23 085 507 | -18,0% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 103 524 188 | 106 899 592 | -3 375 404 | -3,2% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 59 344 117 | 186 891 647 | -127 547 530 | -68,2% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2017 ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 281 922 261 | 2 071 573 183 | 210 349 078 | 10,2% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 252 507 419 | 1 019 042 169 | 233 465 250 | 22,9% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 942 983 478 | 1 169 324 034 | -226 340 556 | -19,4% |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 901 223 700 | 1 440 780 792 | -539 557 092 | -37,4% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 263 133 977 | 244 663 929 | 18 470 048 | 7,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 221 460 081 | 194 220 943 | 27 239 138 | 14,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 103 085 275 | 49 134 467 | 53 950 808 | 109,8% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 44 914 003 | 121 067 485 | -76 153 482 | -62,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 39 882 140 | 63 139 696 | -23 257 556 | -36,8% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 38 688 931 | 51 337 402 | -12 648 471 | -24,6% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 36 578 397 | 35 531 002 | 1 047 395 | 2,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 28 569 021 | 32 829 959 | -4 260 938 | -13,0% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 26 122 125 | 36 440 509 | -10 318 384 | -28,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 14 105 005 | 16 698 581 | -2 593 576 | -15,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 6 138 386 | 3 087 725 | 3 050 661 | 98,8% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-СЕНТЯБРИ СОЛИ **2017** ◘ **УҲДАДОРИҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2017** | **Соли 2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 2 884 522 704 | 2 522 653 173 | 361 869 531 | 14,3% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 073 060 113 | 2 039 994 310 | 33 065 803 | 1,6% |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 1 651 738 936 | 3 729 504 276 | -2 077 765 340 | -55,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 609 564 218 | 1 399 802 491 | 209 761 727 | 15,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 829 016 328 | 682 516 518 | 146 499 810 | 21,5% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 733 186 652 | 523 786 128 | 209 400 524 | 40,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 465 561 469 | 467 405 380 | -1 843 911 | -0,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 282 618 331 | 246 034 818 | 36 583 513 | 14,9% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 155 734 908 | 78 283 120 | 77 451 788 | 98,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 130 386 428 | 163 987 923 | -33 601 495 | -20,5% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 103 356 959 | 74 719 745 | 28 637 214 | 38,3% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 61 424 199 | 48 647 265 | 12 776 934 | 26,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 55 486 428 | 68 097 063 | -12 610 635 | -18,5% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 51 470 088 | 159 451 291 | -107 981 203 | -67,7% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 567 230 | 4 562 577 | -3 995 347 | -87,6% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2017 ◘ ПАСАНДОЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 2 444 081 276 | 2 038 719 421 | 405 361 855 | 19,9% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 962 564 904 | 1 095 521 290 | -132 956 386 | -12,1% |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 944 720 062 | 1 769 276 746 | -824 556 684 | -46,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 927 351 997 | 756 833 857 | 170 518 140 | 22,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 564 194 507 | 382 089 294 | 182 105 213 | 47,7% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 558 738 124 | 425 269 536 | 133 468 588 | 31,4% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 414 330 790 | 378 875 586 | 35 455 204 | 9,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 137 643 666 | 59 693 253 | 77 950 413 | 130,6% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 43 448 349 | 45 940 446 | -2 492 097 | -5,4% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 41 938 215 | 49 683 816 | -7 745 601 | -15,6% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 24 113 441 | 26 125 917 | -2 012 476 | -7,7% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 15 849 022 | 20 339 915 | -4 490 893 | -22,1% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 11 777 880 | 29 181 484 | -17 403 604 | -59,6% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 2 677 876 | 3 044 045 | -366 169 | -12,0% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 363 954 | 985 537 | -621 583 | -63,1% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-СЕНТЯБРИ СОЛИ **2017** **САРМОЯ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли **2017** | Соли **2016** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 2 548 449 046 | 636 561 440 | 1 911 887 606 | 300,3% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 654 438 558 | 568 402 126 | 86 036 432 | 15,1% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 342 056 699 | 239 112 513 | 102 944 186 | 43,1% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 299 941 661 | 303 208 669 | -3 267 008 | -1,1% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 102 956 958 | 102 337 015 | 619 943 | 0,6% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 100 023 908 | 85 717 626 | 14 306 282 | 16,7% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 87 918 709 | 74 467 292 | 13 451 417 | 18,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 87 244 708 | 77 286 867 | 9 957 841 | 12,9% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 81 921 310 | 73 967 538 | 7 953 772 | 10,8% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 66 752 657 | 66 155 244 | 597 413 | 0,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 59 093 895 | 59 924 103 | -830 208 | -1,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 52 683 605 | 64 282 156 | -11 598 551 | -18,0% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 50 758 647 | 49 201 179 | 1 557 468 | 3,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 49 834 314 | 60 309 186 | -10 474 872 | -17,4% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 7 874 029 | 27 440 356 | -19 566 327 | -71,3% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2017 ◘ ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2017 | Соли 2016 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 64 509 326 | 102 206 465 | -37 697 139 | -36,9% |
| ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" | 53 520 748 | -74 336 886 | 127 857 634 | 172,0% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 25 392 674 | 20 478 319 | 4 914 355 | 24,0% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 22 724 736 | -10 150 684 | 32 875 420 | 323,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 22 160 068 | 583 662 | 21 576 406 | 3696,7% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 15 373 312 | 11 171 478 | 4 201 834 | 37,6% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 13 461 804 | 3 580 748 | 9 881 056 | 275,9% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 7 021 743 | 5 698 257 | 1 323 486 | 23,2% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 4 548 797 | -12 069 712 | 16 618 509 | 137,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 1 505 349 | -634 448 | 2 139 797 | 337,3% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 9 324 | -400 727 | 410 051 | 102,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | -5 323 471 | -10 805 514 | 5 482 043 | 50,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | -10 451 425 | 6 295 483 | -16 746 908 | -266,0% |
Дар ҷомеаи имрӯза масъалаи танзими бозори меҳнат, ба хусус нақшу ҳиссаи занон дар ин бозор, муносибат ба фаъолияти меҳнатӣ ва шароити корию музди меҳнати онҳо ҳанӯз масъалаи мубрам ба шумор меравад ва аз аҳли ҷомеа талаб мекунад, ки дар ин замина бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Аз ин хотир, намояндагони мактаби институтсионалӣ нақши фарогири бозори меҳнатро инкор намуда, вазифаи танзими шуғл ва бозорро ба институтҳои ҷамъиятӣ вогузор менамоянд. Аз ҷумла, ба андешаи онҳо, танҳо институти сиёсии давлат метавонад ворид шудани иттилооти муносибро таъмин намояд. Яъне, то он замоне, ки иттилооти номуносиб боқӣ мемонад, харидорону фурӯшандагони қувваи корӣ на ҳамеша ба маълумоти саҳеҳ дастрасӣ доранд ва барои қабули қарори дуруст омода ҳастанд, ки мисоли равшани ин гуфтаҳо бозори меҳнат аст.

Корфармо бинобар сабаби надоштани маълумоти пурра дар бораи номзадҳо ба вазифаи холӣ хусусиятҳои касбии кормандро дар ҷойи аввал намегузорад. Дар натиҷа образи миёнаи номзад-корманд ташаккул меёбад ва фикр дар бораи он, ки дар ширкат имкон дошт мутахассиси хуб ба кор ҷалб шавад, худ аз худ инкор гардида, ба чунин корманд маоши "миёна" таъин карда мешавад. Дар натиҷа кормандони соҳибихтисос ҳаҷми маошро дар эълонҳо дида, барои кор кардан дар чунин ширкат розӣ намешаванд.

Аз тарафи дигар, кормандони кироя аз сабаби надоштани маълумоти пурра дар хусуси мавҷуд будани ҷойи холии кор дар маҳали истиқомати худ ё берун аз ҳудуди он, наметавонанд барои истифодаи қувваи кории худ ҷой пайдо кунанд ва бо вуҷуди он ки нарасидани кадрҳо мушоҳида мешавад, онҳо бекор боқӣ мемонанд. Талабот ва пешниҳоди меҳнат ҳамчун асоси фаъолияти механизми бозор ба таври пурра, аз ҷумла бо сабаби нарасидани иттилооти зарурӣ ба ҳамдигар мувофиқат намекунанд .

Дар бозори меҳнат душвориҳои табиӣ ба миён меоянд, ки онҳо аз дастрасӣ ва баҳои воқеии иттилоот вобаста мебошанд.

Ба андешаи мо, лозим меояд, ки барои боз ҳам устувор гардонидани мақому мавқеи зан дар ҷомеаи мамлакат, хотима бахшидан ба ҳар гуна таъқибу зӯроварию хушунат нисбат ба зан дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, занону духтарони моро зарур аст, ки ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд:

1. Донишандӯзӣ ва касбомӯзӣ вобаста ба талаботи замон. Яъне, занону духтарони мо бояд ба омӯхтани илму дониш ва азбар намудани касби дилхоҳи худ, ки ба талаботи замони муосир мувофиқат мекунад, ҷиддан машғул шаванд. Барои омӯхтани низоми иттилооти электронӣ, технологияи пешқадами муосир ва забонҳои хориҷӣ ба таври ҷиддӣ шавқу рағбат зоҳир намоянд. Бе омӯхтани илму дониш ва технологияи замонавӣ ҳамқадами замони муосир шудан ғайриимкон аст;

2. Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ. Занону духтарони моро зарур аст, ки гузаштаи пурифтихори худро омӯзанд. Ифтихор намоянд, ки гузаштагони мо дар таърихи тамаддуни башар саҳми сазовор доранд.

Эҳёи суннатҳо ва ҳунарҳои мардумӣ, ки имрӯз дар ҷомеаи мо ба мушоҳида мерасад, ба боло рафтани сатҳи худшиносӣ то андозае мусоидат мекунад;

3. Тарбияи ахлоқӣ. Эҳтиром гузоштан ба арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва анъанавию фарҳангии миллӣ заминаи дигарест, ки барои устувор шудани мавқеи зан-модар дар ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат менамояд. Тақлиди рӯякӣ ва беҷо ба фарҳангҳои бегона, маънавиёту фарҳанги моро халалдор намуда, асолати фарҳангии моро аз байн мебарад.

Зарур аст, ки арзишҳои ахлоқию маънавӣ, ки ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги миллии мо мебошанд, эҳтиром карда шаванд. Тарбияи ахлоқии занону духтарон дар заминаи фарҳанги миллӣ ва арзишҳои умумиинсонӣ ба роҳ монда шуда, ба тарбияи ахлоқию маънавии ҷавондухтарон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад.

Ҳамчунин, зарур аст, ки бонувони мо муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд"-ро, ки реша дар фарҳанги миллии мо доранд, дар кору фаъолият дастури амал қарор дода, риояи ҳатмии онро таъмин намоянд;

4. Маърифатнокии ҳуқуқӣ. Зарур аст, ки сатҳи маърифати ҳуқуқии занону духтарони мо баланд бардошта шавад. Занону духтарон, бахусус занони деҳот ва заноне, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва конститутсионии худро омӯзанд, то ки ба

> Мутаассифона, дар масъалаи сатҳи маърифатнокии занону духтарон ва иштироки боз ҳам фаъолтари онҳо дар ҷомеаи шаҳрвандии мамлакат ҳанӯз душвориҳо ҷой доранд ва аксари ин мушкилот бештар ба худи занону духтарон марбут аст.

мушкилоту душвориҳо гирифтор нашаванд;

5. Маърифатнокии молиявӣ. Муҳим аст, ки бонувони мо дониши хуби молиявӣ аз бар намоянд. Буҷети хонаводаҳои худро танзим ва маблағи хонаводаро дуруст ва сарфакорона истифода карданро омӯзанд. Муҳимтар аз ҳама даромаду хароҷоти оиларо ба нақша гирифта тавонанд ва роҳҳои қонунии афзун кардани ин даромадро ҷустуҷӯ ва пайдо намоянд. Ба хароҷоти беҳуда роҳ надиҳанд. Муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро, ки ба кам кардани хароҷоти беҳудаю бесамар ва афзун шудани буҷети оила равона шудааст, риоя намоянд.

Занону духтарон ҳамчунин вазифадоранд, аз дастовардҳои навтарини технологияи иттилоотӣ ва хизматрасониҳои муосири бонкию молиявӣ, аз қабили истифодаи босамари кортҳои пардохти электронӣ, бонкдории мобилӣ ва интернет-банкинг огоҳии комил пайдо намуда, дар гузоштани пасандоз, ҳангоми зарурат гирифтани қарз аз ташкилотҳои қарзӣ, интиқоли электронии пул фаъол бошанд. Ҳамчунин барои осонии кори худ ҳангоми пардохти андоз, пули барқ, манзил ва дигар хизматрасониҳои коммуналӣ, харидорӣ намудани молу маҳсулот аз кортҳои пардохти бонкӣ ба таври самаранок истифода баранд.

6. Тарбияи завқи зебоишиносӣ. Лозим аст, ки занону духтарони мо завқи баланди зебоишиносӣ ва зебоиписандӣ дошта бошанд. Аз зебоию озодагии сару либоси худ, ороиши хонаву манзил сар када, то ба тозагию озодагии кӯчаву хиёбон, шаҳру деҳот бетафовут набошанд. Барои нигоҳ доштани завқи зебоишиносӣ дар байни ҳамаи табақаҳои ҷомеа кӯшиш ба харҷ диҳанд;

7. Некбинӣ ба оянда. Зарур аст, ки занону духтарони мо ба ояндаи худ некбин бошанд ва ба фардои дурахшони худ ва Тоҷикистон умед банданд. Аз ҳама гуна падидаҳои номатлуб, аз қабили худкушӣ, худсӯзӣ, ноумедӣ, дунёбезорӣ ва ғайра канораҷӯйӣ намоянд.

Итминони комил дорем, ки мақоми зан дар ҷомеаи мо рӯз ба рӯз боло хоҳад рафт ва бонувон дар ободонии Ватани азизамон – Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

# Аҳди истисноъ

*(Идома. Аввалаш дар шумораи гузашта)*

Предмети “истисноъ” наметавонад чизи муайян бошад ва ба ин тарз гуфта шавад: ин автомобилро ба ту фурӯхтам ё ин корхонаро ба ту фурӯхтам. Шартномаи “истисноъ” барои чизҳое баста мешавад, ки онҳоро бо сифатҳояшон шинохтан мумкин бошад, на ба таври муайян кардан. Фармоишгар (харидор) дар он чизе, ки истеҳсолкунанда аллакай амалиёти истеҳсолиашро оғоз намудааст, ҳаққи моликият ё ҳаққи дахолатро надорад, магар баъд аз супоридани тамоми предмет ё як қисми он. Ҳамчунин фармоишгар ҳаққи моликияти ашёҳоеро, ки барои истеҳсол ҳозир карда шудаанд, надорад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки як қисми маблағро ба истеҳсолкунанда барои хариди мавод пешпардохт карда бошад ва истеҳсолкунанда барои истифодаи он маводҳо барои истеҳсоли фармоиши ӯ аҳд дода бошад.

Дар шартномаи истисноъ имкон дорад шарт гузошта шавад, ки маҳсулотро танҳо худи муассисае, ки як тарафи шартнома аст, истеҳсол кунад, на ташкилоти дигар. Дар ин ҳолат тарафи истеҳсолкунанда бояд ба ин шарт пойбанд бимонад.

> Дар шартномаи истисноъ имкон дорад шарт гузошта шавад, ки маҳсулотро танҳо худи муассисае, ки як тарафи шартнома аст, истеҳсол кунад, на ташкилоти дигар. Дар ин ҳолат тарафи истеҳсолкунанда бояд ба ин шарт пойбанд бимонад.

Истеҳсолкунанда метавонад қабл аз бастани шартнома он молеро, ки худаш барои фурӯш истеҳсол намудааст ба “мустасниъ”, яъне харидор пешниҳод намояд. Инчунин молеро, ки каси дигар истеҳсол кардааст, метавонад ба “мустасниъ” пешниҳод намояд, агар шарт нагузошта бошад, ки молро бояд худи ӯ истеҳсол кунад.

Истеҳсолкунанда ин амалро бояд мувофиқи шартҳои дар шартнома дарҷшуда ва дар муддати муайяншуда ва ё муҳлате, ки мувофиқи хусусиятҳои ҳамон амал ва таҷрибаи андӯхтаи мутахассисони ҳамон соҳа аст, анҷом диҳад.

Ҷонибҳо метавонанд муддатеро барои замонати бартарафсозии камбудию айбҳои моли истеҳсолшуда ва ё барои уҳдадории ҳифозати он зарур аст, муайян намоянд.

Шартномаи истисноъ метавонад барои сохтмони биноҳо дар заминҳое, ки дар моликияти “мустасниъ” ва ё “сонеъ”, яъне истеҳсолкунанда ҷойгиранд ва ё дар заминҳое, ки яке аз онҳо молики манфиати он аст, баста шавад. Дар ин ҳолат шартнома барои сохтмони биноҳо баста мешавад на барои макони муайян.

## МАБЛАҒИ ПРЕДМЕТИ ШАРТНОМАИ “ИСТИСНОЪ”

Дар хотир доштан зарур аст, ки ҳангоми бастани шартномаи “истисноъ” бояд маблағи он маълум бошад. Имкон дорад бар ивази он на маблағи накд, балки чизи муайян ва ё манфиат аз чизи муайян дар муддати муайян бошад. Ин манфиат метавонад аз дигар иншоот бошад ва ё аз ҳамон объекте бошад, ки сохта мешавад. Ҳолати дуюм ҳамон вақт татбиқ мегардад, ки агар ниҳодҳои расмӣ шартномаҳои имтиёзнок диҳанд, монанди имтиёзи манфиат бурдан аз лоиҳа барои муддати муайян (Build Operate Transfer).

Ҳамчунин имкон дорад пардохти маблаѓи предмети “истисноъ” ба таъхир гузошта шавад ё онро ба қисмҳо ҷудо карда, дар мӯҳлатҳои муайян пардохт гардад. Инчунин як қисме аз онро мумкин аст дар аввал супорид ва боқимондаи маблаѓро ба қисмҳо ҷудо намуда, ҳангоми қабули қисмҳои истеҳсолшудаи предмет супорид. Илова бар ин, муштарӣ метавонад пардохти қисмҳои ҷудогонаи маблаѓро ба марҳилаҳои истеҳсоли предмети шартнома вобаста намояд, агар ин марҳилаҳо хилофи урфу одатҳои мардум набошад ва боиси нофаҳмӣ нагарданд.

Агар амалиёти истеҳсоли предмети шартнома аз чанд қисм иборат бошад ва ё пардохти маблаѓ бар асоси қисмҳои амалиёти истеҳсолӣ муайян гардида бошад, дар ин сурат истеҳсолкунанда метавонад ба муштарӣ шарт гузорад, ки аз маблаѓи пардохте, ки ба таъхир гузошта шудааст, қисмеро барои корҳои тибқи мушаххасоти дар шартнома нишон дода шудаву анҷом ёфтаанд, пардохт намояд.

Маблаѓи предметҳои “истисноъ” метавонад вобаста ба гуногун будани мӯҳлати супоридани онҳо аз ҳам фарқ дошта бошад. Дар чунин ҳолатҳо барои бастани шартномаи “истисноъ”метавон аз рӯи чанд адад предмет гуфтушунид гузаронид ва дар охир яке аз онҳоро барои бастани аҳд муайян кард, то ки номуайянӣ ва номаълумие, ки боиси нофаҳмиҳо мегарданд, аз байн бурда шаванд.

Бояд қайд кард, ки анҷом додани “истисноъ” бо услуби муробаҳа ҷоиз нест, зеро ин шакл маблаѓ ва заҳмату хароҷотро бо миқдори зиёдатии фоида муайян менамояд.

Агар хароҷоти воқеии истеҳсол камтар аз он миқдоре шавад, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст ва ё бонк аз тарафи сеюм, ки бо он “истисноъи” мувозӣ баста аст ва барои истеҳсол ӯҳдадор мебошад, зиёдатии маблаѓи хароҷотро гирад, дар ин ҳолат истеҳсолкунанда ӯҳдадор намегардад, то маблаѓи дар шартнома омадаро кам намояд ва “мустасниъ” низ ҳаққи талаб кардани маблаѓи фарқ байни нархи дар шартномабуда ва хароҷоти воқеии ба миён омадаро надорад. Ҳамчунин дар сурати зиёд гардидани хароҷот нисбат ба он чи дар шартнома омадааст, истеҳсолкунанда ҳаққи талаб намудани маблаѓи иловагиро аз “мустасниъ”, яъне муштарӣ надорад.

## КАФОЛАТҲО

Агар бонк истеҳсолкунанда бошад, метавонад маблаѓеро аз муштарӣ ҳамчун замонат барои иҷрои ӯҳдадориҳояш баъд аз тайёр гардидани объект, қабул намояд. Ҳамчунин вай дар сурати “мустасниъ”, яъне муштарӣ буданаш метавонад ин гуна маблаѓи замонатро пардохт намояд. Ин маблаѓ дар ҳоли давом ёфтани амали шартнома ҷузъе аз маблаѓи истисноъ мегардад ва дар сурати бекор гардидани шартнома ҳаққи истеҳсолкунанда хоҳад буд. Беҳтар он аст, ки истеҳсолкунанда миқдори ҳақиқии зарари худро гирад.

Бонк дар вақти бастани шартномаи “истисноъ” фарқ надорад, ки ба ҳайси истеҳсолкунанда баромад мекунад ё муштарӣ, метавонад таъминоти кофиро барои иҷрои ӯҳдадориҳояш дар назди истеҳсолкунанда ва ё муштарӣ, талаб намояд. Ҳамчунин дар сурати муштарӣ, яъне “мустасниъ” буданаш, метавонад таъминотеро, ки истеҳсолкунанда аз вай талаб мекунад, барояш фароҳам оварад ва ин гуна таъминот метавонад гарави амвол, кафолати шахси сеюм ва ѓайра бошад.

## ҲОЛАТҲОЕ, КИ БАР АҲДИ ИСТИСНОЪ ВОРИД МЕШАВАД:

*Дигаргуниҳо, иловаҳо ва талаботи иловаѓӣ*

Ҳарду ҷониб - истеҳсолкунанда ва муштарӣ дар якҷоягӣ метавонанд баъд аз бастани шартнома мушаххасот ва сифатҳои объекти “истисноъ”-ро таѓйир диҳанд ё бо ворид намудани таѓйирот дар маблаѓ ва мӯҳлати пардохти онро зиёд намоянд. Дар шартнома метавон қайд намуд, ки таѓйирот ва зиёднамоӣ мувофиқи урфу одат, таҷриба ва ё ҳар нишондиҳандаи эътиборноке, ки номуайяниро аз байн мебарад, боиси дигаргунӣ дар маблаѓ мегардад.

Муштарӣ наметавонад истеҳсолкунандаро барои ворид намудани таѓйироту иловаҳо водор намояд, агар вай ба ин амал мувофиқ набошад.

*(Давом дорад...)*

**Давлатбек Ҳалимов,**
**сармутахассиси Шуъбаи назорати бонкдории исломии Департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон**

# ТОҶИКИСТОН ДАР РЕЙТИНГҲОИ **S&P ВА MOODY'S**




Ширкатҳои рейтингии байналмилалии Standard and Poors ва Moody's рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистонро барои бори аввал баҳогузорӣ намуда, баҳои мусбат доданд. Онҳо баъд аз таҳлили вазъи иқтисоди Тоҷикистон ба ин натиҷа расидаанд. Тоҷикистон дар рейтинги Standard and Poors Global Ratings баҳои B- ва дар раддабандии Moody's Investors Service баҳои B3 гирифт, ки ин гуна баҳогузорӣ аз сӯи коршиносони байналмилалӣ барои иқтисоди Тоҷикистон манфиатбахш арзёбӣ шуд.

## ▲ S&PGLOBAL RATINGS – ОЯНДАИ УСТУВОРИ ТОҶИКИСТОН

Ҳардуи ин ширкатҳо дар ҷаҳон ширкатҳои рейтингии мӯътабар маҳсуб мешаванд ва барои бори аввал рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистонро тартиб додаанд. Ширкати "Standard and Poors" рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистонро дар кӯтоҳмуддат дар дараҷаи B-, рушди устувор (B-, Outlook Stable)" ва дар дарозмуддат дар дараҷаи B баҳогузорӣ кардааст.

Ҳамин тавр, Тоҷикистон кишвари 131-уми ҷаҳон аст, ки шомили раддабандии S&PGlobal Ratings шуд. Ширкати "Standard and Poors" дар гузориши худ дар бораи Тоҷикистон таъкид кардааст, ки баҳои устувор интизороти ин ширкатро бар асоси ин омил, ки ҳаҷми қарзи Тоҷикистон, ки ҳоло дар сатҳи қобили қабул қарор дорад, инъикос мекунад.

Бино ба иттилои ширкати "Standard and Poors" ин рейтинг дар ҳолати кам шудани касри буҷет ва устувортар шудани қурби пули миллии кишвар ва афзоиши интиқоли пул метавонад боз ҳам боло равад. Ҳамчунин агар Тоҷикистон ба рушди назарраси фарқи байни содироту воридот даст ёбад ва захираи асъораш боз ҳам бештар шавад, ин пешбинӣ метавонад, боз ҳам ба самти мусбат тағйир ёбад. Ин ширкат дар маҷмӯъ, рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистонро барои ҳар сари аҳолӣ дар солҳои 2017-2020 ба ҳисоби миёна 3,8 дарсад ҳисоб кардааст.

## ▲ БАҲОИ MOODY'S INVESTORS SERVICE

Ширкати рейтингии байналмилалии Moody's Investors Service низ имсол аввалин маротиба рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар кард. Ин ширкат рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистонро дар дараҷаи B3, рушди устувор (B3, Outlook Stable) баҳогузорӣ намуд.

Бино ба гузориши Moody's Investors Service чунин рейтинги Тоҷикистон бар асоси дурнамои қобили таваҷҷӯҳи рушди иқтисоди кишвар муайян шудааст. Moody's Investors Service дар гузориши худ навиштааст, ки ин баҳогузорӣ бар асоси рушди тавлидоти нерӯи барқ аст, ки Тоҷикистон ҳадаф дорад, бо сохтмони нерӯгоҳи Роғун дар ин соҳа дарояндаи наздик ба муваффақияти назаррас ноил шавад:

"Рейтинги Тоҷикистон дар сурати муваффақона дар амал татбиқ шудани лоиҳаи нерӯгоҳи Роғун, ки афзоиши даромадҳо аз андоз ва содиротро таъмин мекунад, боло рафта метавонад. Мо интизорем, ки сохтмони нерӯгоҳи Роғун идома ёфта, охири соли 2018 истеҳсоли барқ тибқи нақша шурӯъ мешавад. Даромадҳои имконпазир аз андоз ва содирот ба таҳкими вазъи буҷети давлатӣ ва захираҳои хориҷии бонки марказӣ мусоидат менамоянд ва мо ҳамчунин интизорӣ дорем, ки ҳукумат ҷиҳати таъмини суботи макроиқтисодӣ ва молиявӣ ислоҳотро дар бахши молия идома медиҳад."

Ин ширкат ҳамчунин дар гузориши худ таъкид месозад, ки даромад аз коғазҳои қиматнок маблағгузории давлатиро ба сохтмони нерӯгоҳи Роғун таъмин мекунад.

Moody's Investors Service барои боз ҳам беҳтар шудани рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон қавӣ намудани ниҳодҳои молии Тоҷикистон, бахусус бахши бонкиро тавсия медиҳад. Бинобар гузориши ин ширкат афзоиши захираҳои асъору тиллои Тоҷикистон метавонад, дар ин замина барои болотар рафтани ҷойгоҳи кишвар мусоидат намояд.

## ▲ ВИЖАГИИ РЕЙТИНГҲО

Қайд кардан бамаврид аст аст, ки Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аҳамияти муайян кардани рейтинги кредитии мамлакат дар Тоҷикистонро барои рушди сармоягузорӣ муҳим ҳисобида буд. Қаблан бино ба дастури ин Шӯрои машваратӣ Бонки миллии Тоҷикистон муваззаф шуда буд, ки ҳамроҳ бо вазорату идораҳои дахлдор масъалаи муайян намудани рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистонро бо агентиҳои рейтингии байналмилалӣ баррасӣ намояд.

Аҳамияти рейтинги кредитии мамлакат дар он аст, ки доираҳои сармоядори ҷаҳон ба он, чун ба нишондиҳандаи муҳими молиявӣ таваҷҷӯҳ менамоянд. Онҳо аз рӯи ин рейтингҳо кӯшиш мекунанд сармояи худро ба давлатҳои дорои рушди устувор равона созанд ва бо сармоягузорӣ ба иқтисоди он кишварҳо манфиат ба даст оваранд.

Рейтинги кредитии мамлакат бахусус барои сармоягузорони коғазҳои қиматнок нишондиҳандаи муҳими молиявӣ маҳсуб мешавад. Бояд тазаккур дод, ки рейтинги кредитӣ барои муайян кардани дараҷаи эътибори вомбаргҳои ин ё он ширкат, корпоратсия ё ҳатто ин ё он давлат воситаи муқаррарии молиявӣ буда, вобаста ба сатҳи эътимод аз ҷониби агентиҳои бонуфуз гурӯҳбандӣ шуда, бо ҳарфҳои "A", "B", "C" ва "D" ишора мешавад.

## ▲ РЕЙТИНГҲОИ "A", "B", "C" ВА "D"

Гурӯҳи "A"- маънои дорои имконоти фарохтар барои пардохти фоизҳо ва қарзҳо будани баҳогузоришударо дорад. Дар гурӯҳи "B" қобилияти пардохти ширкат ва кишвари баҳогузоришуда боэътимод ҳисобида мешавад. Ба гурӯҳи "C" баҳогузоришудаҳое ҷойгир карда мешаванд, ки пардохти ӯҳдадориҳои қарзӣ ва имконоти онҳо аз шароити мусоиди иқтисодӣ вобаста аст. Дар гурӯҳи "D" баҳогузоришуда дар ҳоли дефолт қарор дорад ва вай пардохти аксари ӯҳдадориҳои қарзиашро рад мекунад.

Ширкати рейтингии Moody's Investors Service ширкати байналмилалӣ буда, аз соли 1909 фаъолият менамояд. Ин ширкат ҳамчун яке аз ширкатҳои рейтингии бонуфузтарини ҷаҳон шинохта мешавад. Тоҷикистон бо ширкати Moody's Investors Service ҳамакнун ҳамкорӣ менамояд. Дар оянда низ ин ширкат рейтинги соҳибихтиёрии кишварро муайян хоҳад кард.

Standard and Poor's низ як созмони байналмилалии эътиборсанҷӣ ба шумор меравад ва ба таҳқиқу таҳлили бозорҳои молиявӣ машғул аст. Он дар баробари ширкатҳои Moody's ва Fitch Ratings яке аз се оҷонсии мӯътабари рей-

тингии байналмилалӣ маҳсуб мешавад.

Рейтингҳое, ки Moody's Investors Service ва ширкати "Standard and Poors" баъди таҳқиқ ва таҳлилҳои амиқ муайян менамоянд, барои рушди шабакаи ҳамкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва эътирофи байналмилалӣ мусоидат мекунанд.

## ▲ ТОҶИКИСТОН АЗ РЕЙТИНГҲО ЧӢ ФОИДА МЕБИНАД?

Бо муайян шудани рейтинги кредитии мамлакат Тоҷикистон пеш аз ҳама имкон пайдо намуд, ки ба бозорҳои байналмилалии сармоя ворид шавад. Бахусус, пешбинии рушди устувор барои ба бозорҳои байналмилалӣ баровардани коғазҳои қимматноки давлатӣ шароит фароҳам овард.

Пештар мавқеи Тоҷикистон дар ин рейтингҳо ва нашри натиҷаҳои баҳодиҳии рейтинги кредитии соҳибихтиёрии кишвар яке аз талаботҳои асосии ворид шудан ба бозорҳои байналмилалии сармоя ба шумор мерафт.

Бинобар ин метавон гуфт, ки муайян шудани рейтинги кредитии Тоҷикистон барои рушди сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, бонкҳои сармоягузорӣ ва шариконы рушд нақши мусбат хоҳад бозид.

Тавре сокинони ҷумҳурӣ воқиф гардиданд, муайян шудани рейтинги кредитии кишвар дар моҳи сентябри соли равон ба иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири мусбат расонид. Тоҷикистон нахустин барориши коғазҳои қиматноки давлатии кишварро ба бозорҳои ҷаҳонӣ бомуваффақият анҷом дод.

## ▲ КОМЁБИИ ЕВРОБОНДҲОИ ТОҶИКИСТОН

Гурӯҳи кории Тоҷикистон бо роҳбарии Ҷамолиддин Нуралиев, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо бонкҳои сармоягузории «Райффайзенбанк» ва «Ситибанк» бо сармоягузорони азими давлатҳои ИМА, Англия ва Швейсария вохӯрӣ намуда, барориш ва фурӯши коғазҳои қиматноки давлатиро ба маблағи 500 млн. доллари ИМА барои идомаи сохтмони НБО "Роғун" анҷом доданд.

Ба коғазҳои қимматноки Тоҷикистон намояндагони бештар аз 300 ширкатҳои бонуфузи сармоягузори ҷаҳон, аз қабили Голдман Сакс бо дороиҳои 1,3 трлн. доллари ИМА, Блэк Рок бо дороиҳои 5,4 трлн. доллари ИМА, Пимко бо дороии 1,6 трлн. доллари ИМА, Морган Стенлий бо дороии 420 млрд. доллари ИМА, Фиделити бо дороии 2,13 трлн. доллари ИМА, Веллингтон Менеджмент Груп бо дороии зиёда аз 1 трлн. доллари ИМА, Ҷ.П. Морган бо дороии 1,7 трлн. доллари ИМА ва дигар ширкатҳои бонуфузи дунё таваҷҷӯҳ зоҳир намуданд.

Зимни мулоқоти Гурӯҳи кории Тоҷикистон бо сармоягузорони азими дунё пешниҳоди харид аз ҷониби онҳо ба вомбаргҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба 4,5 миллиард доллари ИМА зиёд гардида, пас аз гузаронидани гуфтушунидҳо, фоизи даромаднокии купони вомбаргҳо аз 8% то ба 7,125% солона коҳиш дода шуд ва вомбаргҳои давлатӣ дар ҳаҷми 500 миллион доллари ИМА ба бозори молиявии ҷаҳонӣ бароварда шуданд. Ин дар ҳоле буд, ки қаблан дар асоси баҳодиҳии рейтинги Ҷумҳурии Тоҷикистон даромаднокии фоизи купони вомбаргҳои давлатии кишвар на кам аз 8% солона пешбинӣ шуда буд.

Бинобар сабаби 9 маротиба зиёд шудани теъдоди дархостҳо барои хариди вомбаргҳои давлатии Тоҷикистон аз ҷониби сармоягузорони купони вомбаргҳои Тоҷикистон, барои вомбаргҳои 10-солаи давлатҳои дорои рейтинги "В" дар солҳои 2016-2017 поин рафт ва ҳоло яке аз пасттаринҳо ба ҳисоб меравад. Ин нишондиҳанда аз зиёд шудани боварии сармоягузорони байналмилалӣ ба иқтисоди Тоҷикистон ва ба сохтмони иншооти стратегӣ - нерӯгоҳи "Роғун" шаҳодат медиҳад.

Ба ин тартиб, барориши бомуваффақияти коғазҳои қимматноки давлатии кишвар ё худ евробондҳои Тоҷикистон ба бозорҳои ҷаҳониро метавон нахустин натиҷаи мусбати муайян шудани рейтинги кредитии ҷумҳурӣ ҳисобид. Умед аст, ки минбаъд низ муайян шудани рейтинги кредитии Тоҷикистон ба рушди сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои муфид бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

**Аслам Мӯминов,**
**шореҳи "БТҶ"**

# ШУМО ЧӢ ГУНА АЗ ОЗМУНИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ГУЗАШТЕД?

Дар соли равон зиёда аз 30 нафар кормандони нав ба ин ё он вазифаҳои холии корӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон қабул шуданд. Аксарияти онҳо аз тариқи озмун ба кор даромаданд. Воқеан ҳам теъдоди иштироккунандагони озмун хеле зиёд ҳастанд ва ба тамоми талаботҳои озмун ҷавобгӯ будану соҳиби кори муносибу дӯстдошта шудан чандон кори осону саҳл нест. Бинобар ин, маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" аз чанде кормандони нав, ки имсол дар озмуни ҷойи корӣ ғолиб шуда, ба Бонки миллии Тоҷикистон ба кор омадаанд, пурсид, ки чӣ гуна тавонистаанд, аз озмун гузаранд?

***БОБУРХОН МУРВАТОВ, мутахассиси шуъбаи тадқиқот ва моделсозии Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушди Бонки миллии Тоҷикистон***

Соли 2016 донишгоҳи Ноттингеми Малайзияро бо ихтисоси бонкдорӣ, молия ва идоракунӣ хатм кардам. Пеш аз ба Бонки миллӣ ба кор омаданам дар вазорати молия ва чанд муддате дар ширкати аудитории "Делой ва туш", ки фаъолияти ташкилотҳои қарзиро месанҷад, фаъолият мекардам.

Рӯзе дар сомонаи Бонки миллӣ хондам, ки онҳо як мутахассис барои шуъбаи тадқиқот ва моделсозии Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушди Бонки миллии Тоҷикистон ҷустуҷӯ доранд.



Дар даврони донишҷӯиям бо ҳамсабақонам дар донишгоҳи Ноттингеми Малайзия зимни омӯзиши фанни эконометрика бо меъёрҳои макроиқтисодӣ моделҳои гуногун месохтем, аз ин рӯ, тасмим гирифтам, ки он донишҳои дар ин замина омӯхтаамро дар амал истифода барам. Бояд иқрор шуд, ки рафти озмун хеле шаффоф буд. Ман худам то ба ин андоза баланд шаффофу воқеъӣ гузаштани озмун дар ҳайрат монда будам.

Аввал ман ҳамаи он ҳуҷҷатҳоеро, ки барои иштирок дар озмун заруранд, ба кормандони Бонки миллӣ пешниҳод кардам. Баъди чанде онҳо ба ман занг зада, рӯзи баргузор шудани озмунро эълон карданд. Дар озмун агар хато накунам, 8 нафар довталаб иштирок дошт. Фикр мекунам, ҳамаи он мутахассисоне, ки аз Вазорати молия, Вазорати рушд ва иқтисод ва дигар ташкилотҳои ҷумҳурӣ ҳозир шуда буданд, бисёр кордону дар касби худ варзида буданд. Яъне, метавон гуфт, ки сатҳи рақобатнокӣ бисёр баланд буд. Фикр мекунам, бахтам баландӣ кард ва азбаски ман дар моделсозӣ таҷриба доштам ва барои шуъбаи номбурда аз дигарон дида, мувофиқтар будам, шояд барои ҳамин маро ба ин вазифа интихоб карданд. Дар оғоз дар бораи паҳлӯҳои мухталифи соҳаи бонкдориву макроиқтисодӣ савол доданд, масалан, дар бораи мақсад ва вазифаҳои Бонки миллӣ пурсиданд. Баъд аз пешниҳоди тақрибан 10 савол дар ин мавзӯъ, ба саволҳо дар соҳаи моделсозӣ гузаштанд. Масалан, пурсиданд, ки модели хуб чӣ гуна сохта мешавад? Чӣ хел фаҳмидан мумкин

аст, ки модел хуб аст ё бад? Моделҳо чӣ проблемаҳо доранд ва бо ин моделҳо вазъи макроиқтисодии Тоҷикистон чӣ гуна таҳлил карда мешавад?

Бароям чизи хотирмон инчунин он буд, ки дар озмун 10 нафар аъзои комиссия нишаста буданду онҳо пайваста ба ман савол медоданд. Он лаҳзаҳо ба худ меандешидам ва аз дараҷаи сатҳи дониши баланди мутахассисони Бонки миллӣ дар ҳайрат будам. Ман он вақт аъзои комиссияи озмунро намешинохтам, лекин баъдан фаҳмидам, ки ҳамаи онҳо сардорони департаменту идораҳои Бонки миллӣ будаанд. Аз он хушнудам, ки дар Бонки миллӣ ҳамин гуна роҳбароне кор мекунанд, ки кори худро, ба истилоҳ аз “а” то “я” медонанд.

***ФАЙЗИДДИН УСМОНОВ, мутахассиси шуъбаи таҳлили макропруденсиалии Идораи суботи молиявӣ***

Бидуни муҳобот аз овони донишҷӯӣ хоҳиши дар Бонки миллии Тоҷикистон кор карданро доштам. Соли 2016 факултаи молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намудам. Баъди хатми донишгоҳ, вақте фаҳмидам, ки дар Бонки миллӣ барои ҷойҳои корӣ озмун эълон кардаанд, бе ҳеҷ дудилагӣ ҳуҷҷатҳоямро супоридам.

Озмун дар ду давр сурат гирифт. Дар даври якум саволҳо аз ҷониби Комиссияи озмун пешниҳод шуданд. Даври дуюм бошад, дар шакли суҳбат ҷараён гирифт. Саволҳо аз ҷониби роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва сардори Идораи суботи молиявӣ пешниҳод гаштанд. Ба назарам, саволҳо ҷиддӣ, фарогири соҳа ва аксаран тахассусӣ буданд. Муоширати оромонаи аъзои Комиссияи озмун ба ман имкон дод, ки ба тамоми саволҳо саросема нашуда, ҷавоб гӯям. Баъд аз посух додан ба саволҳо ҳиссиёти фараҳбахше маро фаро гирифт, зеро бовар доштам, ки аз озмун мегузарам.

Хушбахтона, озмун ба таври шаффоф доир гашт ва ман ба орзуи овони донишҷӯиям расидам. Ҳоло дар Бонки миллӣ кор мекунам ва ба ин андешаам, ки фаъолият дар ин даргоҳ бениҳоят бомасъулият буданро талаб мекунад ва корманди бонк бояд соҳаи бонкдориро ба дараҷаи беҳтарин донад. Ҳамзамон бояд гӯям, ки дар ин ҷо барои баланд бардоштани сатҳи дониш, маҳорати корӣ ва малакаи касбии кормандон тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

***МЕҲРУБОН БУРҲОНОВ мутахассиси пешбари маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ”-и Бонки миллии Тоҷикистон***

Нимаи дуюми моҳи июли соли равон дар сомонаи Бонки миллӣ эълони вазифаи мутахассиси пешбари маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ”-ро хондам. Бинобар сабаби он ки ҳам маълумоти иқтисодӣ ва ҳам таҷрибаи корӣ дар соҳаи журналистикаи иқтисодӣ доштам, ҳуҷҷатҳои худро барои иштирок дар озмун пешниҳод намудам.

Озмун дар ду марҳила гузашт. Дар марҳилаи аввал донишу маҳорати эҷодии 7 нафар иштирокчӣ, ки ба озмун ҳуҷҷат супорида буданд, санҷида шуд ва аз ҷониби Комиссияи озмун баҳогузорӣ гардид.

Баъди муайян гаштани натиҷаи санҷиши даври якум, се нафар ба марҳилаи дуюми озмун, ки ҳалкунанда ба ҳисоб мерафт, роҳ ёфтем. Бо вуҷуди он ки дар даври якуми озмун роҳбарият ва мутахассисони ботаҷрибаю варзидаи бонк ҳамчун аъзои комиссия иштирок доштанд, мо фақат аз лиҳози маҳорат ва эҷод дар риштаи бонкдорӣ санҷиши хаттӣ супоридем, марҳилаи дуюми озмун бошад, бинобар сабаби ҳалкунанда буданаш, дар сатҳи хеле баланд гузашт.

Озмун хеле шаффоф буд ва аъзои комиссия зимни суҳбатҳои тӯлонӣ ба ғайр аз соҳаи бонкдорӣ аз дигар самту соҳаҳо суолҳо пешниҳод карданд. Ҳамин тариқ, баъд аз гузаштани ду даври озмун дар даври дуюм натиҷаи ниҳойи он муайян гардид. Хушбахтона, ман ба ҳайси мутахассиси пешбари маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ"-и Бонки миллӣ ба кор қабул гаштам.

***НОЗИМ ҲАСАНОВ, мутахассиси Идораи омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон***

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар таъкид ба он карда буданд, ки ояндаи Тоҷикистон ҷавононанд ва тараққиёти минбаъдаи кишвари маҳбубамон, ки асосҳои мустаҳками он имрӯзҳо гузошта мешаванд, таҳкими мақоми он дар ҷомеаи мутамаддини башарӣ аз саҳми фаъолонаи ҷавонон дар ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсиву ҷамъиятии мамлакат вобастагӣ дорад. Соли 2017 ҳамчун "Соли ҷавонон" эълон гашт, ки он бори дигар аз таваҷҷӯҳи беандозаи Сарвари давлат нисбат ба ҷавонон гувоҳӣ медиҳад.

Бароям мояи ифтихору шодмонист, ки ман низ чун намояндаи насли ояндасози кишвар дар озмуни эълонгардидаи Бонки миллии Тоҷикистон дар қатори ҷавонони зиёд ширкат варзида, муваффақ ба он шудам, то дар ин ҷо соҳиби кор гардам.

Баъди иштироки бевосита дар озмуни Бонки миллии Тоҷикистон бароям маълум гашт, ки ин чорабинӣ дар бонки зикошуда ба маънои томаш шаффоф ва орӣ аз ҳар гуна тақаллубкориҳо баргузор гардид. Интихоби мутахассис дар озмун танҳо аз рӯи донишу малака ва фаҳмиши ҳар як довталаб қарор мегирад, зеро беҳтарин мутахассисони варзида, довталабони кор дар Бонки миллии Тоҷикистон буданд. Дар рафти суолу ҷавоб ба ҷавонон муҳити озоду солим барои баёни фикру андеша ва малакаи корӣ фароҳам оварда шуда буд ва аз рафти суҳбат бо комиссияи озмун маълум буд, ки ҳамаи онҳо мутахассисони соҳибтахассус ва ботаҷриба ҳастанд.

Талаботи озмун фарогири пешаи интихобкарда ва дигар масоили марбут ба фаъолияти бонкӣ буд ва хушбахтона, дар даври аввал тариқи тестӣ ва дар қисмати ниҳоӣ тариқи суҳбат бо мутахассисони кордон, барандаи озмун гаштам. Қабл аз ширкат дар озмун боварӣ доштам, ки ҳатман муваффақ ба хостаҳои худ хоҳам гашт, зеро ба донишу маърифати худ бовар доштам.

Инак, бо шарофати ширкат дар озмун чандест дар Идораи омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳайси мутахассиси дараҷаи 1 фаъолият дорам ва метавон гуфт, ки тавассути дастгирии устодону мутахассисони варзидаи Бонки миллӣ нозукиҳои пешаи интихобкардаамро бомуваффақона аз худ хоҳам кард. Ва назди худ мақсад гузоштаам, ки бештар омӯзам ва аз болои донишу маҳорати хеш пайваста кор кунам, то дар пешаи интихобкардаам муваффақу комёб бошам.

Ояндаи ин кишвари биҳиштосои мо аз ҷавонони баору номус ва собитқадам вобаста аст ва ҳар қадар имрӯз омӯзему таҷрибаи мутахассисони кордонро аз бар намоем, ҳамон андоза дар рушди кишвар саҳми худро гузошта метавонем. Воқеан ҳам, ҳақ ба ҷониби бузургон аст, ки фармудаанд: "ҳар киро дониш бувад, мушкиле дар пеш нест".

**Таҳияи**
**Аслам Мӯминов,**
**"БТҶ"**

# 9 КНИГ ДЛЯ ПЕРВОГО ЗНАКОМСТВА С ЭКОНОМИКОЙ



ИНТЕРЕСНЫЕ КНИГИ:

**■ «ПОЧЕМУ ОДНИ СТРАНЫ БОГАТЫЕ, А ДРУГИЕ БЕДНЫЕ»**
Дарон Аджемоглу, Джеймс Робинсон.

На вопрос о причинах богатства некоторых народов (которым задавался в своем opus magnum еще Адам Смит ) окончательного ответа до сих пор не получено. Более того, разнообразные примеры «экономических чудес» (Сингапур, Тайвань, Япония) и «экономических катастроф» (Аргентина, Зимбабве, Греция) XX века ставят под сомнение существование единого ответа, который был бы верен для всех стран.
Два известных американских экономиста в своей книге тщательно анализируют практически все факторы, которые могут влиять на экономическое развитие стран (в частности, географическое расположение, наличие природных ресурсов, культурные особенности), и предлагают свой ответ. По мнению Аджемоглу и Робинсона, процветание или нищета стран определяются экономическими и политическими институтами — «правилами игры» во взаимодействии власти и общества. Этот серьезный труд, опирающийся на множество исследований и научных статей самих авторов, очень популярно и легко написан и рассчитан на массового читателя.

**■ «ПУТЬ К ВЕЛИКОЙ ЦЕЛИ. ИСТОРИЯ ОДНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИДЕИ»**
Сильвия Назар.

Профессор бизнес-журналистики Колумбийского университета Сильвия Назар прославилась книгой «Прекрасный разум. Жизнь гения математики и нобелевского лауреата Джона Нэша» («A Beautiful Mind. The Life of Mathematical Genius and Nobel Laureate John Nash»), в которой биография математика и экономиста Джона Форбса Нэша была рассказана параллельно с довольно точным изложением его научных исследований — и по которой был снят оскароносный фильм «Игры разума». В своей следующей книге Назар решает еще более трудную задачу — показать развитие экономической науки на протяжении XIX и XX столетий сквозь призму биографий и воззрений выдающихся экономистов (от Альфреда Маршалла и Йозефа Шумпетера до Милтона Фридмана и Пола Самуэльсона ). Из этого крайне увлекательного, хотя и небесспорного рассказа о том, как экономические теории содействуют экономическому развитию, можно узнать, насколько тернист путь к великой цели преобразования к лучшему жизни всех людей на планете.













**■ «MAKING MONEY»**
Terry Pratchett.

Это не экономический труд, а фэнтезийный роман из цикла «Плоский мир» (Discworld), но в нем между делом поднимается вопрос, что же такое деньги, однозначного ответа на который ученые-экономисты до сих пор не знают.
Роман Пратчетта, во-первых, обыгрывает реально существовавшую гидравлическую модель экономики: его герой является создателем «Булькера», компьютера, представляющего собой модель национальной экономики:

**■ «КАК УСТРОЕНА ЭКОНОМИКА»**
Ха-Джун Чанг.

В своей предыдущей книге «23 факта о капитализме, которые от вас скрывают» («23 Things They Don't Tell You About Capitalism») Ха-Джун Чанг, профессор экономики из Кембриджа, объясняет, что 95% процентов экономики — это здравый смысл. С тех же позиций написана и эта книга: в ней коротко и очень ясно излагаются этапы развития капитализма (начиная с 1500 года и до наших дней), обсуждаются основные понятия и термины, которыми оперируют экономисты (валовой внутренний продукт и валовой национальный продукт, устойчивый экономический рост, безработица, неравенство и бедность), описываются особенности различных школ экономической мысли (от австрийской и марксистской до неокласси¬ческой и кейнсианской ), а также анализируются роли государства и рынка в экономике. Эта книга может быть прекрасной отправной точкой для изучения экономики, дополнением к любому учебнику по макроэкономике или справочником по истории экономической мысли.

**«ЧЕРНЫЙ ЛЕБЕДЬ. ПОД ЗНАКОМ НЕПРЕДСКАЗУЕМОСТИ»**
Нассим Николас Талеб.

Совет прочитать «Черного лебедя» – мировой бестселлер, проданный в количестве более 3 миллионов экземпляров, – сложно назвать оригинальным. Талеб, эрудит-универсал и бывший трейдер, оказался очень удачливым автором, потому что правильно поймал момент: он обрушился с критикой на экономистов и финансистов-ортодоксов, думающих о мире в упрощенных терминах, в 2007 году, когда финансовый рынок был на пороге самого значительного кризиса после Великой депрессии 1930-х годов. Основной тезис Талеба заключается в том, что раз за разом люди попадают в ловушку излишней самоуверенности, думая, что знают об окружающем мире больше, чем знают на самом деле.

## НУЖНЫЕ КНИГИ:

**«Принципы экономикс»**
Николас Грегори Мэнкью.

Ставший уже классическим труд Мэнкью считается по праву одним из самых удачных учебников по экономике, обучающим прежде всего способу думать и задавать вопросы как экономист. В нем представлено не так много специализированных моделей, практически не используются математические методы, зато разбирается огромное количество кейсов из самых разных областей жизни, что делает учебник достаточно простым и интересным для чтения. Но основное его преимущество – максимально широкий охват тем. «Принципы экономикс» включают в себя не только основы фундаментальной экономической теории (микроэкономики, то есть принципов работы отдельных рынков, и макроэкономики – поведения ВВП и цен в краткосрочном и долгосрочном периодах), но и доступно изложенные элементы теории международной торговли, теории организации промышленности (поведения фирм), экономики общественного сектора и финансового анализа – дисциплин, по которым написаны отдельные толстые учебники.
















**«50 ЛЕКЦИЙ ПО МИКРОЭКОНОМИКЕ»**
Л. С. Тарасевич, В. М. Гальперин, С. М. Игнатьев.

Это не столько учебник, сколько вольный конспект лекций, с рисунками на полях и дискуссиями после каждого занятия. При этом все важные экономические идеи описаны подробным и доступным образом, а легкость изложения сочетается с необходимой научной строгостью. Что особенно ценно, в книге приводятся многочисленные исторические примеры (например, из истории ростовщичества или российских монополий) и уникальные случаи из экономики России 1990-х годов (авторы, в частности, анализируют налоги и социальные трансферты, изучают цены, рынки и процессы поиска ренты).

**«МИКРОЭКОНОМИКА»**
Роберт Пиндайк, Даниэль Рабинфельд.

Разницу между двумя частями экономической теории (макро- и микроэкономикой) иногда иронично объясняют следующим образом: микроэкономика является стройной, тщательно разработанной наукой, основанной на серьезном математическом аппарате, но способной объяснить только те вещи, которые не имеют никакого отношения к реальному миру, а макроэкономика занимается описанием того, что обычно и имеется в виду под «реальной экономикой», только при этом в макроэкономике имеется большое количество различных школ, представители которых дают противоположные прогнозы и ответы на один и тот же вопрос. Тем примечательнее, что учебник Пиндайка и Рабинфельда объясняет базовые микроэкономические понятия, не требуя от читателя развитой математической техники, которая обычно нужна для чтения микроэкономических учебников. Практически без математических формул авторы рассказывают и наглядно показывают (в списке приведенных в пример торговых марок и фирм более 50 названий, от Airbus до Wal-Mart), как работает экономика на уровне отдельных рынков, почему и как люди и фирмы договариваются и взаимодействуют друг с другом, в том числе в условиях неопределенности и асимметричной информации.

**«МАКРОЭКОНОМИКА»**
Оливье Бланшар.

Тот факт, что существует множество макроэкономических школ, накладывает отпечаток как на преподавание макроэномики, так и на ее восприятие в целом: хороших учебников по макроэкономике великое множество, но ни один из них не дает единой картины и полного представления о том, что же все-таки такое макроэкономика. Книга Бланшара на этом фоне выделяется своей четкой структурированностью и продуманной логикой изложения. Выделяя в экономике три периода (краткосрочный, среднесрочный и долгосрочный), Бланшар последовательно рассматривает их и показывает, почему на разных временных промежутках справедливы разные выводы. Большое место в учебнике уделено роли ожиданий экономических агентов, а также анализу применения макроэкономической (фискальной и денежно-кредитной) политики в разнообразных реальных обстоятельствах.

# ДАСТАИ БМТ – ҒОЛИБИ ҶОМИ “РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ”



Мусобиқаи футболи хурд барои дарёфти Ҷоми “Раиси шаҳри Душанбе”, ки бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон байни дастаҳои вазорату идораҳо, раёсатҳо ва ташкилоту муассисаҳои пойтахт дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявӣ 20 октябр оғоз ёфта буд, 16 ноябр анҷом ёфт. Қобили қайд аст, ки мусобиқаи футболи хурд барои дарёфти Ҷоми “Раиси шаҳри Душанбе” бори нахустин баргузор гардид.

Дар ин мусобиқа дар қатори 48 дастаи футболбозони ғайрикасбӣ, тими футболи хурди Бонки миллии Тоҷикистон низ фаъолона иштирок варзида, ба комёбии назаррас ноил шуд. Дар бозии финалӣ, ки рӯзи 16 ноябр миёни дастаи футболи хурди Бонки миллии Тоҷикистон ва дастаи “Динамо”-и Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ баргузор гардид, дар вақти асосии мусобиқа ҳисоб кушода нашуд ва дар натиҷаи задани силсилазарбаҳои шашметра, дастаи Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳисоби 7:6 бар дастаи Вазорати корҳои дохилӣ ғолиб шуд. Ғалабаи навбатӣ ба дастаи футболи хурди Бонки миллии Тоҷикистон имконият дод, ки шумораи Ҷомҳои худро боз ҳам зиёд намояд. Дар бахши тантанавии ҷамъбасти сабқат муовини Раиси шаҳри Душанбе М.Муинӣ, ноиби Президенти ФФТ А.Урунов, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷ. Нуралиев ва роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе Т. Саидзода ғолибони мусобиқаро бо Ҷоми “Раиси шаҳри Душанбе”, медалу диплом ва тӯҳфаҳои моливу пулии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе сарфароз гардониданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо унвони “Муҳофизатгари беҳтарин”-и мусобиқа футболбози дастаи БМТ А. Мухаммедов, “Дарвозабони беҳтарин” Э. Хурматов. аз дастаи “Динамо”-и ВКД, “Ниммуҳофизатгари беҳтарин” Т. Исмоилов аз дастаи “Формула - 55”, “Бозингари беҳтарин” Т. Саидзода аз дастаи МИХД ш.Душанбе ва “Нишонзани беҳтарин” Раҳимзода Р.Ҳ. аз дастаи “Динамо”-и ВКД мушарраф шуданд.

Муовини Раиси шаҳри Душанбе М. Муинӣ ва ноиби Президенти ФФТ А. Урунов дар қисмати тантанавии чорабинӣ ба бозингарон ва






мухлисон барои ҳунарнамоӣ ва дастгирии самимона изҳори миннатдорӣ намуданд. Дар робита ба ин, муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев ба нақши ташаббускорони чорабинии мазкур баҳои баланд дода, чунин иброз дошт: “Баргузории чунин мусобиқаҳо дар таҳкими муносибати дӯстӣ байни кормандони вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо нақши муҳим дошта, сифати бозӣ ва маҳорати бозигарони варзиши ғайрикасбиро сайқал медиҳад. Ҳамзамон, мусобиқаҳои зерин метавонанд дар рушди намудҳои гуногуни варзиш дар ҷумҳурӣ такони ҷиддӣ диҳанд, ки бешубҳа боиси дастгирӣ мебошад”.

Барои дастгирӣ ва ҳамовозии тими Бонки миллӣ, инчунин сарпарасти дастаи футболи БМТ – муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ, муовинони Раис Лола Салимова, Ҳамидулло Машрабзода ва аҳли кормандони Бонки миллӣ ташриф оварда, дар рӯҳбаланд сохтани бозингарон ва ба даст овардани ғалабаи даста дар бозии ниҳоӣ саҳм гузоштанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дастаи футболи бонкро барои ғолибият дар мусобиқаи футболи хурд ва дарёфти Ҷоми “Раиси шаҳри Душанбе”бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, аъзои дастаро бо туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонид.

Аъзои дастаи Бонки миллӣ: Икромӣ Сироҷиддин Салом – Сардори даста, Мухамедов Акбар, Қодиров Абдусаттор, Эргашев Мансур, Абдуалимов Беҳруз, Одинаев Аслиддин, Ғаниев Аҳлиддин, Расулов Зоҳиршо, Олимов Фирузҷон, Қурбонов Навруз, Муродалиев Далер, Музафаров Наҷибулло, Изатуллоев Беҳруз, Шарифов Беҳруз ва Наибов Холид.

**Хабарнигорони маҷаллаи “БТҶ”**
**ва Шуъбаи матбуоти БМТ**

**Ба Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон,
ки бо мақсади гузаронидани курсҳои баланд кардани
ихтисоси кормандони соҳаи бонкӣ сохта шудааст, хуш омадед!**

Нишонии мо:
Вилояти Суғд, ш. Гулистон. Тел.: +(992 44) 630-45-99; +(992 44) 630-45-92;
Моб.: +(992 92) 787-57-70; e-mail: info@tcnbt.tj: www.tcnbt.tj



